# Замимаи 7b

# Нақшаи идоракунии экологӣ ва иҷтимоӣ (НИЭИ)

ба Пешниҳоди барнома барои маблағгузорӣ ба Хазинаи Иқлими Сабз (ХИС)

***Ландшафтҳои ба иқлим устувор дар Осиёи Марказӣ***

Моҳи июли, соли 2026

Нашри 2.1

Пешниҳод шудааст:

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH
(Ҷамъияти Олмон оид ба ҳамкории байналмилалӣ (GIZ) GmbH)

Дархостҳоро вобаста ба ҳуҷҷати мазкур ба нишонаи зерин ирсол карда метавонед:

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH
Dag Hammarskjöld Weg 1-5
65760 Eschborn
Germany

gcf@giz.de

http://www.giz.de

## Мундариҷа


Мундариҷа ..... 3

Рӯйхати ҷадвалҳо ..... 4

Ихтисораҳо ..... 5

1. Муқаддима ..... 6

2. Системаи идоракунии экологӣ ва иҷтимоии барнома ..... 8

2.1 Тартиби татбиқи барнома ..... 8

3. Раванди амалисозии НИЭИ ..... 9

3.1 Консепсияи таъминот бо кадрҳо ..... 9

3.2 Таъсиси мониторинг ва арзёбӣ ..... 11

3.3 Механизми баррасии шикоятҳо (МБШ) ..... 12

3.3.1 Тартиби гузоришдиҳӣ ва вокуниш ба ИЗОҶ, ки ба ҷабрдида нигаронида шудааст 15

3.4 Ифшо кардан ..... 17

3.5 Баланд бардоштани иқтидор ва тақвияти нерӯи кадрӣ ..... 18

3.6 Системаи мониторинг ва ҳисоботдиҳии экологӣ ва иҷтимоии барнома ..... 19

3.7 Нақшаи идоракунии экологӣ ва иҷтимоӣ (НИЭИ) ..... 21

Замимаи 1. Рӯйхати истисноҳо ..... 31

Замимаи 2. Тартиби дарёфти тасодуфӣ ..... 33

## Рӯйхати ҷадвалҳо

**Ҷадвали 1: Консепсияи пешниҳодшудаи таъминот бо кадрҳо ........ 10**
**Ҷадвали 3: Мақсадҳои МБШ ва дастурамалҳо ........ 12**
**Ҷадвали 4: Тартиби баланд бардоштани иқтидои КЭИ ........ 18**
**Ҷадвали 5: НИЭИ ........ 21**
**Ҷадвали 6: Чораҳои коҳиш додани хатарҳои зерлоиҳаҳо ........ 28**

**Ихтисораҳо**

| | |
|---|---|
| ARIS | Агентии рушди ҷамоатҳо ва сармоягузории Ҷумҳурии Қирғизистон |
| BMZ | Вазорати федералии ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушди Олмон |
| GIZ | Ҷамъияти Олмон оид ба ҳамкории байналмилалӣ (GIZ) GmbH |
| IFC | Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ (Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ) |
| АИ | Арзёбии имконпазирӣ |
| АТМЗИ | Арзёбии таъсир ба муҳити зист ва масъалаҳои иҷтимоӣ |
| АЭО | Арзёбии эҳтиёҷот ба омӯзиш |
| БСМ | Бехатарӣ ва саломатии меҳнатӣ |
| ВЗОКСК | Вазорати захираҳои об, кишоварзӣ ва саноати коркард (Қирғизистон) |
| ВҲШ | Воситаҳои ҳифзи шахсӣ |
| Евро (EUR) | Евро |
| ИА | Иттиҳоди Аврупо |
| ИЗОҶ | Истисмор, зӯроварӣ ва озори ҷинсӣ |
| ИҲЗ | Идоракунии ҳамгирошудаи зараррасонҳо |
| КМЭТИ | Кумитаи миллии экология ва тағйирёбии иқлим (Ӯзбекистон) |
| КХҶДИЗ | Кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва дигар самтҳои истифодаи замин |
| КЭИ | Кафолатҳои экологӣ ва иҷтимоӣ |
| МАН | Мониторинг дар асоси натиҷаҳо |
| МБШ | Механизми баррасии шикоятҳо |
| МИЛ | Маркази идораи лоиҳа |
| ММВ | Мақомоти миллии ваколатдор (барои ХИС) |
| МҚШ | Масъули қабули шикоятҳо |
| МТЛС | Маркази татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ (Тоҷикистон) |
| НА | Нишондиҳандаи асосӣ |
| НИЭИ | Нақшаи идоракунии экологӣ ва иҷтимоӣ |
| НЧМГ | Нақшаи чорабиниҳо оид ба масъалаҳои гендерӣ |
| НҶҶМ | Нақшаи ҷалби ҷонибҳои манфиатдор |
| ПМ | Пешниҳоди маблағгузорӣ |
| СИЭИ | Системаи идоракунӣ ва мониторинги экологӣ ва иҷтимоӣ |
| СФ | Стандартҳои фаъолият |
| СҒҲ | Созмони ғайриҳукуматӣ |
| ТА | Ташкилоти аккредитатсияшуда |
| ТИ | Ташкилотҳои иҷрокунанда |
| УИПК | Устувор ба иқлим, дорои партовҳои кам |
| ХИС | Хазинаи Иқлими Сабз |
| ҲСНФ | Ҳисоботи солона оид ба натиҷаҳои фаъолият |

## 1. Муқаддима

Нақшаи идоракунии экологӣ ва иҷтимоии (НИЭИ) мазкур барои барномаи «Ландшафтҳои ба иқлим устувор дар Осиёи Марказӣ» таҳия шудааст. Ҳадафи асосии ин барномаи минтақавӣ рафъи хатарҳои шадиди иқлимист, ки ба соҳаҳои кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва дигар самтҳои истифодаи замин (КХҶДИЗ) дар ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон таъсири амиқ мерасонанд. Дар доираи ин барнома, таваҷҷуҳи асосӣ ба водии Фарғона, инчунин ба вилоятҳои Сурхондарё ва Хатлон, ки минтақаҳои бештар осебпазир ва аз нигоҳи экологӣ муҳим ба шумор меравaнд, зоҳир карда мешавад. Минтақаҳои интихобшуда ҳамвориҳои кишоварзӣ, чарогоҳҳо ва ҷангалҳои доманаву нишебии кӯҳҳоро фаро гирифта, бо ҳам зич пайвастаанд ва ҷузъи ҷудонашавандаи ландшафтҳои муттасилу фаромарзӣ маҳсуб мешаванд. Ин минтақаҳо бо навъҳои гуногуни истифодаи замин ва экосистемаҳои табиӣ хос буда, татбиқи равиши ҳамгирошудаи минтақавиро тақозо мекунанд.

Барнома тақвияти системаҳои қабули қарорҳоро вобаста ба иқлим ва истифодаи оқилонаи замин пешбинӣ мекунад. Он иқтидори дастрасӣ ба маблағгузории иқлимӣ ва идоракунии онро баланд бардошта, тавассути беҳтар кардани банақшагирии зермиллӣ, хизматрасониҳои машваратӣ ва сармоягузориҳои мақсаднок дар соҳаҳои кишоварзӣ, ҷангал ва чарогоҳҳо ба ҷорӣ намудани таҷрибаҳо ва технологияҳои ба тағйирёбии иқлим устувор ва дорои партовҳои кам (УИПК) мусоидат мекунад. Дар сатҳи минтақавӣ бошад, барнома ҳамкориҳои судмандро тавассути равандҳои дурнамосозӣ, хатсайрҳои минтақавии КХҶДИЗ, табодули дониш ва таъсиси платформаи сармоягузории иқлимӣ тақвият мебахшад, то маблағҳо барои амалҳои мутобиқшавии фаромарзӣ дуруст ҳамоҳанг ва сафарбар карда шаванд.

Ҳадафи асосии ин НИЭИ пешниҳоди нақшаи амалӣ барои идоракунии таъсироти эҳтимолии манфии экологӣ ва иҷтимоии марбут ба фаъолиятҳои барнома, афзудани фоидаҳои иловагӣ ва мусоидат ба машваратҳову ҳамкориҳои фарогир дар тамоми давраи татбиқи барнома мебошад. Дар ин ҳуҷҷат вазъи ашхоси осебпазир, гурӯҳҳои дар канормонда ва экосистемаҳое, ки метавонанд аз татбиқи лоиҳа осеб бинанд, ба таври ҷиддӣ ба инобат гирифта шудааст. Дар марҳилаи омодагӣ ва амалисозии барнома, НИЭИ мақсад дорад, ки ба шарикони ҳукуматӣ дар ҳамкорӣ бо Марказҳои идоракунии лоиҳа (МИЛ) ва гурӯҳи масъули GIZ барои нигоҳдорӣ ва такмили системаҳои идоракунии экологӣ ва иҷтимоии онҳо кумаки амалӣ расонад.

НИЭИ кафолат медиҳад, ки Гурӯҳи масъул оид ба кафолатҳо дар МИЛ тамоми фаъолиятҳои барномаро пайваста баррасӣ карда, ҳангоми татбиқи он таъсироти эҳтимолии номатлуби экологӣ ва иҷтимоиро зери назорат мегирад. Ҳангоми муайян шудани хатарҳо ва таъсироти эҳтимолӣ, дар сурати ғайриимкон будани пешгирии онҳо, чораҳои дахлдор барои коҳиш додани ин хатарҳо тарҳрезӣ мешаванд. Барои дастрасии осон, ин ҳуҷҷат (НИЭИ) аз ҷониби GIZ ва шарикони барнома дар шабакаи интернет ҷойгир карда мешавад.

Андешаву пешниҳодҳои бевоситаи ҷонибҳои манфиатдор вобаста ба барнома тавассути машваратҳои саҳроӣ ҷамъоварӣ шуда, натиҷаҳои онҳо дар Нақшаи ҷалби ҷонибҳои манфиатдор (НҶҶМ, Замимаи 9) инъикос ёфтаанд. Ҳамчунин, НҶҶМ принсипҳои Механизми баррасии шикоятҳо (МБШ)-ро фаро мегирад, то ҳама гуна шикоятҳои эҳтимолӣ дар раванди татбиқи барнома сари вақт қабул ва баррасӣ гарданд.

НИЭИ тартиби идоракунии хатарҳои экологӣ ва иҷтимоии барномаро дар бар мегирад. Он дар асоси хулосаҳои арзёбии таъсир ба муҳити зист ва масъалаҳои иҷтимоӣ (АТМЗИ, Замимаи 7а ПМ) таҳия шуда, хатарҳо ва таъсироти экологӣ ва иҷтимоиро ба тадбирҳои мушаххаси коҳиши хатарҳо, масъулиятҳои амалисозӣ, тартиби мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ, инчунин дигар муқаррарот барои риояи талаботи стандартҳо табдил медиҳад. Ин ҳуҷҷат ҳамзамон талаботи марбутаи қонунгузории миллӣ ва маҳаллиро фаро гирифта, бояд дар якҷоягӣ бо АТМЗИ ва дигар санадҳои дахлдори кафолатӣ татбиқ шавад. Он дар тӯли амалисозии барнома иҷро, назорат ва дар ҳолати зарурӣ навсозӣ карда мешавад.
Ҳадафҳои асосии НИЭИ инҳоянд:

- Муқаррар кардани тадбирҳо барои коҳиш додани хатарҳои экологӣ ва иҷтимоӣ, ки дар АТМЗИ муайян шудаанд.
- Таъмин кардани мутобиқати барнома ба чаҳорчӯбаи меъёриву ҳуқуқии ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон.
- Таъмин кардани мутобиқати барнома ба талаботи экологӣ ва иҷтимоии Хазинаи Иқлими Сабз (ХИС) ва GIZ.
- Кафолат додани он, ки барнома барои амалисозии муваффақонаи НИЭИ захираҳои кофии инсонӣ ва молиявӣ ҷудо мекунад.

НИЭИ бевосита ба сохтори лоиҳавии барнома ворид карда шуда, хароҷоти амалисозии он дар буҷети лоиҳа пурра ба инобат гирифта шудааст.

Ин ҳуҷҷат бо Арзёбии таъсир ба муҳити зист ва масъалаҳои иҷтимоӣ (АТМЗИ), Нақшаи ҷалби ҷонибҳои манфиатдор (НҶҶМ) ва Арзёбии имконпазирӣ (АИ) робитаи зич дорад. НИЭИ дар навбати аввал стандартҳо ва кафолатҳои барномаро муайян карда, сипас миёни таъсироти эҳтимолии манфӣ ва хатарҳои берунае, ки тадбирҳои НИЭИ ба рафъи онҳо нигаронида шудаанд, фарқ мегузорад. Дар ҳуҷҷат нақш ва масъулиятҳо барои татбиқ ва мониторинги Нақша муфассал шарҳ дода шуда, буҷети умумӣ пешниҳод шудааст. НИЭИ-и мазкур амалҳоеро муайян мекунад, ки барои коҳиш додани хатарҳои муайяншуда дар доираи кафолатҳои экологӣ ва иҷтимоӣ заруранд. Он бо Нақшаи ҷалби ҷонибҳои манфиатдор (НҶҶМ), Механизми баррасии шикоятҳо (МБШ) ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба масъалаҳои гендерӣ пурра карда мешавад.

**Стандартҳо ва кафолатҳои барнома – Чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ**

Кафолатҳои экологӣ ва иҷтимоӣ, ки дар ин санад зикр ёфтаанд, Сиёсати таҷдидшудаи экологӣ ва иҷтимоии ХИС (GCF, 2021a) (қарори B.21/18[1])-ро фаро мегиранд. Ин санади асосӣ чаҳорчӯбаи умумии сиёсатеро инъикос мекунад, ки тибқи он ХИС масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоиро ба раванди қабули қарорҳо ва амалиёти худ ҳамгиро месозад, то хатарҳо ва таъсироти онро самаранок идора карда, натиҷаҳоро беҳтар намояд. Тавассути ин сиёсат, ХИС кафолат медиҳад, ки тамоми фаъолиятҳои маблағгузоришаванда уҳдадориҳои зеринро иҷро мекунанд:

- Пешгирӣ кардан ва дар ҳолати номумкин будани пешгирӣ, то ҳадди мумкин коҳиш додани таъсироти манфӣ ба одамон ва муҳити зист;

[1] https://www.greenclimate.fund/document/revised-environmental-and-social-policy

- Пешгирӣ кардан ва дар ҳолати номумкин будани пешгирӣ, коҳиш додани хатарҳои Истисмор, зӯроварӣ ва озори ҷинсӣ (ИЗОҶ) ба одамоне, ки таҳти таъсири фаъолиятҳои ХИС қарор мегиранд;
- Тақвияти дастрасии баробар ва одилона ба манфиатҳои рушд; ва
- Таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардан ба шахсони осебпазир, аҳолӣ ва гурӯҳҳои дар канормонда (аз ҷумла занону духтарон ва ҷамоатҳои маҳаллӣ), ки таҳти таъсири бевосита ё эҳтимолии лоиҳаҳои ХИС қарор доранд ва ба истисмор ё дигар таъсироти манфии барнома ҳассос мебошанд.

Фаъолиятҳое, ки аз ҷониби ХИС дастгирӣ мешаванд, метавонанд барномаҳои мукаммал, лоиҳаҳо ва зерлоиҳаҳоро фаро гиранд.

Сиёсати экологӣ ва иҷтимоӣ тақозо мекунад, ки ташкилотҳои аккредитатсияшуда (ТА) арзёбии ҳамаҷонибаи хатарҳои экологӣ ва иҷтимоиро, аз ҷумла хатарҳо ва таъсири фаромарзиро анҷом диҳанд, то кафолат дода шавад, ки тамоми фаъолиятҳои пешниҳодшуда ба стандартҳо ва сиёсати мазкур комилан ҷавобгӯ мебошанд.

Дар айни замон, ХИС Стандартҳои фаъолияти (СФ) Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ (IFC)-ро ҳамчун Стандартҳои муваққатии худ қабул кардааст (Шӯрои ХИС, соли 2014[2] тасдиқ кардааст). Тавсифи муфассали ин стандартҳо дар сомонаи расмии[3] IFC дастрас аст.

## 2. Системаи идоракунии экологӣ ва иҷтимоии барнома

Мутобиқи талаботи стандартҳо, системаи идоракунӣ ва мониторинги экологӣ ва иҷтимоӣ (СИЭИ) барои барнома самтҳои зеринро фаро мегирад:

- Қабули сиёсати экологӣ ва иҷтимоӣ барои барнома.
- Тартиби муайянсозии хатарҳо ва таъсироти нав ва эҳтимолӣ.
- Иқтидор ва салоҳияти институтсионалӣ: муайян кардани эҳтиёҷот ба кадрҳо ва бозомӯзӣ.
- Ворид кардани мониторинги экологӣ ва иҷтимоӣ ба Системаи Мониторинг ва арзёбии барнома (Системаи Мониторинг ва арзёбӣ).
- Навсозии мунтазами НИЭИ.
- Амалисозии Нақшаи чорабиниҳо оид ба масъалаҳои гендерӣ (НЧМГ).
- Ифшои оммавии ҳуҷҷатҳои экологӣ ва иҷтимоӣ.
- Татбиқи Нақшаи ҷалби ҷонибҳои манфиатдори барнома (НҶҶМ) ва Механизми баррасии шикоятҳо (МБШ).

### 2.1 Тартиби татбиқи барнома

Сохтори ташкилии барномаи ХИС аз Ташкилоти аккредитатсияшуда (ТА) ва

[2] Source: Virtual Stakeholder Consultation on the topic of the development of the GCF's ESS - Stage 1: scoping | Green Climate Fund

[3] Source: https://www.ifc.org/wps/wcm/connect/topics_ext_content/ifc_external_corporate_site/sustainability-at-ifc/policies-standards/performance-standards

Ташкилотҳои иҷрокунанда (ТИ) иборат хоҳад буд.

Ташкилоти GIZ ҳамчун ТА масъулияти назорати барнома, аз ҷумла таъмини риоя ва идоракунии умумии системаи кафолатҳои экологӣ ва иҷтимоиро ба зимма дорад. Барномаи мазкур дар ҳамкории зич бо Ташкилотҳои миллии иҷрокунанда, аз ҷумла Агентии рушди ҷамоатҳо ва сармоягузорӣ (ARIS) ва Вазорати захираҳои об, кишоварзӣ ва саноати коркард (ВЗОКСК) дар Қирғизистон, Маркази татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ (МТЛС) дар Тоҷикистон ва Кумитаи миллии экология ва тағирёбии иқлим (КМЭТИ) дар Ӯзбекистон, инчунин Вазоратҳои молияи кишварҳои марбута татбиқ мегардад. Дар ҳар як кишвар, GIZ ва ТИ-и миллӣ Марказҳои идораи лоиҳа (МИЛ)-ро таъсис медиҳанд. МИЛ-ҳо бевосита барои амалисозӣ ва мониторинги НИЭИ, НЧМГ ва НҶҶМ масъул хоҳанд буд. Ҳар як ТИ бо захираҳои кофӣ, аз ҷумла кадрҳои соҳибихтисос ва буҷети зарурӣ таъмин карда мешавад, то банақшагирӣ, татбиқ ва мониторинги самараноки ин нақшаҳоро кафолат диҳад.

Тафсилоти бештари сохтори идоракунӣ ва тартиби амалисозии барнома дар боби шашуми Арзёбии таъсир ба муҳити зист ва масъалаҳои иҷтимоӣ (АТМЗИ) муфассал инъикос ёфтаанд

## 3. Раванди амалисозии НИЭИ

Барои таъмини амалисозии бемамониат ва ҳисоботдиҳии шаффоф, хатҳои идоракунии дар ин НИЭИ муайяншуда бевосита ба сохтори умумии идоракунии барнома ҳамгиро карда шудаанд. Мушовири минтақавӣ оид ба масъалаҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва гендерӣ (GIZ) ва Мутахассисони миллии экологӣ ва иҷтимоӣ оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва гендер дар дохили ҳар як Ташкилоти иҷрокунанда (ARIS, ВЗОКСК, МТЛС, КМЭТИ) барои таъмини риояи қатъии талабот ваколатҳои амалиётӣ доранд. МИЛ-ҳо аз гурӯҳи махсуси мутахассисони ҳар як ТИ, аз ҷумла менеҷерони молиявӣ, коршиносони масоили гендерӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ ва мониторинг ва арзёбӣ, инчунин мушовирони техникӣ иборат хоҳанд буд.

### 3.1 Консепсияи таъминот бо кадрҳо

Барои иҷрои муваффақонаи НИЭИ ҷалби гурӯҳи коршиносон дар соҳаҳои мухталиф (аз қабили мутахассисони муҳити зист, хоҷагии ҷангал, экосистема ва коршиносони масоили иҷтимоӣ-фарҳангӣ) дар ҳар як кишвар зарур аст. Ин коршиносон Гурӯҳи масъул оид ба масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоиро ташкил медиҳанд, ки он ба раванди таҳия, баланд бардоштани иқтидор, омӯзиш, татбиқ, мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ кумак мекунад. Системаи кафолатҳо ба амалиёти барнома ба таври устувор ҳамгиро шуда, пайваста амалӣ мегардад.

Вазифаҳои кормандон ҳам ба таҳияи воситаҳову равишҳои мушаххас ва ҳам ба татбиқи амалии онҳо дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ (мутобиқи фаъолиятҳои тарҳрезишудаи барнома ва минтақаҳои дахолат) нигаронида шудаанд.

GIZ мушовирони барномавиро оид ба масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ ҷалб мекунад, то онҳо ҳамчун шахсони асосии тамос фаъолият баранд. Масъулияти асосии онҳо таъмин кардани амалисозии самаранок ва мониторинги тадбирҳои кафолатӣ ба шумор меравад. Мушовирон бо мутахассисони экологӣ ва иҷтимоӣ дар дохили ҳар як ТИ, ки бевосита барои татбиқ ва мониторинги кафолатҳо дар сатҳи фаъолияти лоиҳавӣ масъуланд, ҳамкории зич ба роҳ мемонанд. Дар ҳолати пайдо шудани зарурат, барои тақвияти

иқтидори экологӣ ва иҷтимоӣ (аз ҷумла МБШ), мутахассисони иловагии муваққатӣ ҷалб карда мешаванд. Рӯйхати мушовирон ва кормандони барнома, ки ба татбиқи ин масъалаҳо кумак мекунанд, дар ҷадвали зерин оварда шудааст.

*Ҷадвали 1: Консепсияи пешниҳодшудаи таъминот бо кадрҳо*

| № | Кормандони татбиқи масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ | Нақш ва уҳдадориҳо вобаста ба масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ | Миқдор |
|---|---|---|---|
| 1. | Мушовир оид ба масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ дар сатҳи минтақавӣ (ТИ GIZ) | Барои таъмин намудани татбиқи НИЭИ дар минтақаҳои дахолат, аз ҷумла ҳалли масъалаҳои байнисоҳавӣ. | Як нафар – Минтақавӣ |
| 2. | Мушовири минтақавӣ оид ба Мониторинг ва арзёбӣ (ТИ GIZ) | Барои назорат ва арзёбии раванди татбиқи барнома, аз ҷумла кафолатҳо. | Як нафар – Минтақавӣ |
| 3. | Се мушовир оид ба масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ (аз ҷумла гендер)/Мониторинг ва арзёбӣ дар сатҳи миллӣ (ТИ GIZ) | Барои таъмини татбиқи НИЭИ дар минтақаҳои дахолат, аз ҷумла ҳалли масъалаҳои байнисоҳавӣ.<br><br>Барои назорат ва арзёбии татбиқи барнома, аз ҷумла кафолатҳо.<br><br>Се кишвари Осиёи Марказӣ | Як нафар барои ҳар як кишвар – Миллӣ |
| 4. | Панҷ мушовири миллӣ, ки 20%-и вақтро барои ҷалби ҷонибҳои манфиатдор/робита ва 30%-ро барои рушди сармояи инсонӣ (HCD) сарф мекунанд (ТИ GIZ) | Барои таъмин намудани он, ки ҷонибҳои манфиатдори лоиҳа хатарҳои иҷтимоӣ ва экологиро амиқ дарк кунанд.<br><br>Панҷ кишвари Осиёи Марказӣ | Як нафар барои ҳар як кишвар - Миллӣ |
| 5. | Мутахассиси масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ оид ба муҳити зист (ТИ: ARIS, ВЗОКСК, МТЛС, КМЭТИ) | Барои арзёбии хатарҳои эҳтимолии экологӣ, ки метавонанд дар натиҷаи дахолатҳои барнома дар минтақаҳои мақсаднок ба вуҷуд оянд. | Як нафар дар ҳар як ТИ миллӣ |
| 6. | Мутахассиси масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ (аз ҷумла гендер) (ТИ: ARIS, ВЗОКСК, МТЛС, КМЭТИ) | Барои арзёбии хатарҳои эҳтимолии иҷтимоӣ ва гендерӣ, ки метавонанд дар натиҷаи дахолатҳои барнома ба вуҷуд оянд | Як нафар дар ҳар як ТИ миллӣ |

Барои муқаррар кардани масъулияти дақиқ ҷиҳати амалисозии ҳамарӯза ва мониторинги самараноки НИЭИ, инчунин таъмини фаъолияти мунтазами МБШ, вазифаҳои зерин ба зиммаи Гурӯҳи масъул оид ба масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ вогузор шудаанд.

*Ҷадвали 2: масъулиятҳои гурӯҳи КЭИ*

| | |
|---|---|
| **Дастурамалҳо / Тавсифҳо:** | Гурӯҳи масъули масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ раванди ҳамгироӣ ва татбиқи НИЭИ-ро дар тамоми марҳилаҳои ҳаёти барнома роҳбарӣ, ҳамоҳанг ва назорат мекунад.<br><br>Дар ҳар як кишвари иштирокчӣ, Гурӯҳҳо барои иҷрои вазифаҳои зерин масъулият доранд:<br>• Таҳияи ҷадвалҳои татбиқи НИЭИ, ки бо ҷадвали умумии барнома пурра мувофиқат карда, кафолат медиҳанд, ки шартҳои мусоид барои фаъолиятҳои мушаххас фароҳам оварда шудаанд.<br>• Ҳамкории зич бо мушовирони вазифавӣ барои дастгирии мониторинги дигар тадбирҳои НИЭИ, аз ҷумла: (а) ташкили пойгоҳҳои маълумот; (б) назорати раванди ҷамъоварии маълумот; (в) тарҳрезии фаъолиятҳои баланд бардоштани иқтидор; ва (г) баргузории семинарҳои омӯзишӣ, машғулиятҳои иттилодиҳӣ ва машваратӣ.<br>• Тақвияти иқтидори касбии кормандони ТИ миллӣ барои назорати муассир ва татбиқи кафолатҳо.<br>• Таъмин кардани он, ки Ташкилотҳои иҷрокунанда ва муассисаҳои сатҳи ноҳиявӣ, аз ҷумла ниҳодҳои хоҷагии ҷангал, ҳифзи муҳити зист, кишоварзӣ ва идоракунии об, ба таври кофӣ огоҳ карда шудаанд ва барои татбиқи кафолатҳо дар минтақаҳои дахолат иқтидори зарурӣ доранд.<br>• Таҳияи рӯйхатҳои назоратӣ (чек-листҳо) ва дигар абзорҳои мониторинг барои муайян кардани он, ки оё фаъолиятҳои минбаъдаи НИЭИ мувофиқи нақша амалӣ шудаанд, дар ҳолатҳои дахлдор идома доранд ва ба сатҳи пешбинишудаи самаранокӣ ва натиҷабахшӣ ноил гашта истодаанд.<br>• Омода кардани ҳисоботҳои солона фаъолиятҳои экологӣ ва иҷтимоӣ ва мушкилоти марбут ба онҳо барои ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла Кумитаи роҳбарикунанда, МИЛ, Дастгоҳи марказии GIZ ва Шуъбаи назорати ХИС дар GIZ, шарикони рушд ва ҷонибҳои дахлдори дигар. |

## 3.2 Таъсиси мониторинг ва арзёбӣ

Барномаи мазкур дар асоси як қатор санадҳои марбут ба кафолатҳо, аз ҷумла НИЭИ ва АТМЗИ амалӣ мегардад. Ҳамгироии пайвастаи онҳо ба раванди банақшагирӣ ва таъсиси системаи самараноки мониторинг мусоидат мекунад, ки лоиҳа аз таъсироти эҳтимолии манфӣ (бахусус ба табақаҳои осебпазир ва гуногунии биологӣ) ҷилавгирӣ кунад. Гурӯҳи масъул консепсияи мониторингро бо назардошти қадамҳои зерин таҳия мекунад:

- Тарҳрезии Консепсияи мониторинги кафолатҳо дар асоси ҳуҷҷатҳои дахлдори барнома (НИЭИ ва АТМЗИ).
- Тарҳрезии Системаи мукаммали мониторинг, ки ба системаи умумии Мониторинг ва арзёбӣ-и барнома органикӣ ҳамгиро шудааст.
- Муайян ва шарҳ додани нишондиҳандаҳои асосии кафолатҳо.
- Муайян кардани манфиатҳои иловагии лоиҳа, аз қабили ҳифзи гуногунии биологӣ.
- Пешниҳоди тавсияҳои дақиқ оид ба абзорҳои мониторинг.
- Таъмин кардани фаҳмиши дақиқи робитаи функсионалии миёни АТМЗИ, НҶҶМ, МБШ ва НИЭИ ва чӣ гуна онҳо дар системаи кафолатҳо ба инобат гирифта мешаванд.

- Муайян ва рафъ кардани монеаҳои эҳтимолии забонӣ.
- Муайян кардани масъулиятҳои калидӣ барои ҷамъоварӣ ва идоракунии маълумот.
- Дохил кардани равиши возеҳ барои ҳамоҳангсозии чаҳорчӯбаҳои кафолатҳо бо Мониторинг ва арзёбӣ.

Дар асоси таҳияи ин система, мушовир ё коршиноси дохилӣ вазифадор аст, ки ба кормандони барнома ва шарикон кумаки методӣ расонад. Вазифаҳои асосии мушовир инҳоянд:

- Баланд бардоштани иқтидори ибтидоӣ ва доимии МИЛ вобаста ба талаботи кафолатҳо.
- Дастгирии ҳамаҷонибаи МИЛ ва шарикон барои амалисозии талабот.
- Дар сурати зарурат, баррасии ҳарсолаи НИЭИ ва МБШ дар сатҳи институтсионалӣ.
- Таъмин кардани ҳамгироии талаботи кафолатҳо ба пойгоҳи маълумоти Гурӯҳи Мониторинг ва арзёбӣ.
- Санҷиши сифати маълумоти воридшаванда ва иҷрои нақшаҳои дақиқ барои беҳтар кардани он.

Дар доираи назорати қатъии кафолатҳои лоиҳавӣ, гурӯҳи масъули масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ уҳдадор аст:

- Таҷрибаи пешқадамро оид ба ҳуҷҷатгузорӣ ва бойгонӣ роҳандозӣ намояд.
- Консепсияи дурусти кадриро таъмин кунад, то таҷрибаҳои муосири ҳуҷҷатгузорӣ амалӣ шаванд.
- Ҷонибҳои манфиатдорро вобаста ба идоракунии маълумот ва дониш омӯзонад.

## 3.3 Механизми баррасии шикоятҳо (МБШ)

Дар доираи барнома Механизми баррасии шикоятҳо (МБШ) барои расидагӣ ба ҳама гуна нигарониҳо ва шикоятҳои эҳтимолии ҷонибҳои манфиатдор таъсис дода мешавад. МБШ унсури калидии таъмини ҳисоботдиҳӣ ва вокуниши саривақтӣ ба шумор рафта, бо назардошти хусусиятҳои фарҳангӣ ва гендерӣ тарҳрезӣ мегардад. Он системаҳои мавҷудаи GIZ ва механизми мустақили ХИС-ро мукаммал месозад. Вазифаҳои асосии гурӯҳ вобаста ба МБШ инҳоянд:

- Таъсис ва ба кор даровардани МБШ[4].
- Таъмин кардани он, ки ҷонибҳои манфиатдор дар бораи МБШ, аз ҷумла тарзи дастрасӣ ва истифодаи он, сари вақт огоҳ карда шаванд.

*Ҷадвали 2: Мақсадҳои МБШ ва дастурамалҳо*

| | |
|---|---|
| **Мақсад:** | Ҳадафи МБШ фавран баррасӣ ва ҳал кардани ҳама гуна мушкилоти марбут ба фаъолиятҳои барнома буда, тавассути он аз шиддат гирифтани низоъҳо пешгирӣ мешавад. Ҳар як ҷониби манфиатдор ҳуқуқ дорад тавассути ин механизм ҷуброни зиёнро талаб кунад. Шикоятҳо ҷиддӣ қабул карда шуда, фавран баррасӣ мегарданд. МБШ раванди шаффофи ҳалли масъалаҳоро таъмин карда, кафолат медиҳад, ки фикру мулоҳизаҳои ҷонибҳои манфиатдор ба раванди идоракунии лоиҳа ворид карда шаванд. Механизм принсипҳои адолат, махфият ва қасос нагирифтанро эҳтиром намуда, |

[4] Дар давраи оғози барнома, чаҳорчӯбаи стандартии идоракунии ҳолатҳои GIZ ба шароитҳои институтсионалӣ, забонӣ ва иҷтимоии ҳар як кишвари иштирокчӣ мутобиқ карда мешавад. Тартиби МБШ (Механизми баррасии шикоятҳо) махсус барои барнома ва нақшаи ҷараёни он пеш аз оғози фаъолиятҳои аз ҷониби ХИС маблағгузоришаванда ба анҷом расонида ва ифшо карда мешавад.

| | |
|---|---|
| | ҷонибҳои манфиатдорро ташвиқ мекунад, ки нигарониҳои худро бидуни тарс баён кунанд.<br>• Фароҳам овардани раванде, ки тавассути он шикоятҳо ба таври муассир ва созанда коркард шаванд. Ҳадаф ба таври дӯстона ҳал кардани шикоятҳо ва ба ҳадди ақал расонидани истифодаи системаи судӣ мебошад.<br>• Амалисозии протоколҳои алоҳида барои:<br>  ○ Шикоятҳои вобаста ба ИЗОҶ;<br>  ○ Шикоятҳои марбут ба ҷамоатҳои анъанавӣ.<br>• Фароҳам овардани имконият барои баёни шаффофи мушкилот ва нишон додани нақши муҳими ҷонибҳои манфиатдор дар тарҳрезӣ ва татбиқи барнома.<br>• Институтсиалӣ кардани системаи гузоришдиҳӣ барои андешидани чораҳои ислоҳии саривақтӣ.<br>• Муқаррар кардани муносибатҳои шаффоф дар асоси эҳтироми мутақобила.<br>• Муқаррар кардани масъулияти лоиҳа нисбат ба шикоятҳо ва идоракунии фаврии онҳо.<br>• Кафолат додани воридсозии шикоятҳо ба системаи мониторинг ва арзёбӣ |
| **Дастурамалҳо/ Тавсифҳо:** | Барнома кафолат медиҳад, ки ҷонибҳои манфиатдор дар бораи чӣ гуна истифода бурдани МБШ ба таври кофӣ огоҳ карда шудаанд. Маълумоти муфассал дар бораи МБШ дар ҳамаи семинарҳои муқаддимавӣ бо забонҳои маҳаллӣ паҳн карда мешавад.<br><br>**Дастрасӣ ва пешниҳоди МБШ**<br>Шикоятҳо метавонанд ба таври беном пешниҳод гарданд. Муроҷиатҳои беном сабт ва тафтиш карда мешаванд; аммо, дар сурати набудани тафсилоти тамос, ба шикояткунанда хулоса пешниҳод карда намешавад. Барои пешниҳоди шикоятҳо каналҳои зерин дастрас хоҳанд буд:<br>• Шахсан: Ҷонибҳои манфиатдор метавонанд шикоятро даҳонӣ ё хаттӣ ба фасилитаторҳои барнома ё бо ташриф ба офисҳои маҳаллӣ пешниҳод кунанд.<br>• Телефони боварӣ: Дар ҳар як кишвар рақами телефони махсус таъсис дода мешавад, ки тавассути он шикояткунандагон метавонанд занг зананд ё паём ирсол кунанд.<br>• Почтаи электронӣ ва сомона: Суроғаи почтаи электронӣ ва платформаи онлайнӣ ба ҷонибҳои манфиатдор имкон медиҳанд, ки шикоятҳоро ба таври электронӣ пешниҳод кунанд.<br><br>**Қабул ва бақайдгирии шикоятҳо**<br>Ҳамаи шикоятҳои воридшуда дар дафтари бақайдгирии шикоятҳо ба таври расмӣ сабт карда мешаванд. Корманди махсус барои бақайдгирии ҳар як шикоят бо дарназардошти сана, шикояткунанда ва хулосаи шикоят масъулият ба дӯш дорад. Ба ҳар як шикоят рақами мушаххас дода шуда, ҳолати он то ҳалли ниҳоӣ пайгирӣ карда мешавад.<br><br>**Категориябандии шикоятҳо**<br>Шикоятҳо метавонанд шаклҳои гуногун дошта бошанд. Категорияҳои эҳтимолӣ инҳоянд: |

| Категория | Хусусиятҳо |
|---|---|

| | |
|---|---|
| Категорияи 1: Шикоят | Ифодаи норизоятӣ вобаста ба:<br>• сифат ва номутобиқатии хизматрасониҳое, ки аз ҷониби барнома пешниҳод мегарданд<br>• таъсирҳо ё паёмадҳои фаъолиятҳои лоиҳавӣ ба муҳити иҷтимоӣ-иқтисодӣ<br>• вайронкуниҳои эҳтимолии ҳуқуқи инсон |
| Категорияи 2: Даъво | Изҳороте, ки мутобиқ набудани амалҳои ба нақша гирифташударо ба стандартҳо ё тартиботи мувофиқашуда нишон медиҳад, аз ҷумла вайрон кардани тартиби харид. |
| Категорияи 3: Ифшо кардан | Гузоришҳо дар бораи рафтори номатлуби эҳтимолӣ, аз ҷумла:<br>• Коррупсия ва ришвахорӣ<br>• Азонихудкунӣ, қаллобӣ ва тасарруфи маблағ<br>• Бархӯрди манфиатҳо<br>• Рафтори номатлуби ҷинсӣ ва истисмори ҷинсӣ<br>• Вайронкуниҳои ҳуқуқи инсон<br>• Вайронкунии уҳдадориҳои марбут ба муҳити зист. |

**Ҳалли шикоятҳо**

МБШ барои қабул, арзёбӣ ва ҳалли шикоятҳо раванди зеринро пайравӣ мекунад:

| Қадамҳо | Тафсилот |
|---|---|
| Қадами 1: Пешниҳод | МБШ-ро тавассути каналҳои гуногун дастрас кардан мумкин аст.<br>Шикоятҳо метавонанд ба таври беном пешниҳод шаванд.<br>Шикоятҳоро даҳонӣ ё хаттӣ пешниҳод кардан мумкин аст. |
| Қадами 2: Ҷудокунӣ (Триаж) | Шикоятҳо аз ҷониби мутахассисон мавриди тафтиш ва арзёбӣ қарор мегиранд.<br>Мутахассиси кафолатҳо ҳамоҳангсозиро таъмин карда, бо МИЛ ҳамкорӣ мекунад.<br>Шикоятҳое, ки аз доираи ваколатҳо берунанд (зӯроварии гендерӣ, ИЗОҶ коррупсия ва ғ.), ба мақомоти салоҳиятдор ирсол мешаванд. |
| Қадами 3a: Ҳалли масъала | Ҳалли масъала тавассути муколама ё гуфтушунид ҳамчун равиши афзалиятнок пайгирӣ мегардад.<br>Мурочиат ба мақомоти судӣ ҳамчун чораи ниҳоӣ истифода мешавад.<br>Пас аз ба даст омадани мувофиқа, парванда пӯшида мешавад.<br>Мутахассиси кафолатҳо расонидани натиҷаро ба шикояткунанда таъмин мекунад. |
| Қадами 3b: Шиддат ё ихтилофи назар | Дар ҳолатҳои ниҳоят ҷиддӣ ё вақте ки мувофиқа ба даст намеояд, қабл аз ҳама бояд бо Ҳадамоти машваратӣ оид ба мутобиқат ва беӯаразӣ Дастгоҳи |

| | |
|---|---|
| | марказии GIZ ҳамчун зинаи навбатии болоравӣ (эскалатсия) муроҷиат карда шавад. |
| Қадами 4: Мониторинг ва муттаҳидсозии маълумот | Мутобиқи Низомномаи умумии ҳифзи маълумоти Иттиҳоди Аврупо ва қонунгузории (қонунгузориҳои) амалкунандаи миллӣ:<br>• МБШ-и барнома дорои дафтари бақайдгирӣ барои ҷамъоварии шикоятҳо хоҳад буд.<br>• Пойгоҳи маълумот пайгирӣ ва ҳуҷҷатгузории чораҳои ҳалли шикоятҳоро дастгирӣ мекунад.<br>• Ҳалли МБШ қисми таркибии системаи Мониторинг ва арзёбӣ хоҳад буд. Нишондиҳандаи асосӣ - ин сифр шикоятҳои кушода пас аз вақти муқарраршуда ба шумор меравад. |

* Маълумот барои тамос:
Хадамоти машваратӣ оид ба мутобиқат ва беғаразии GIZ: compliance-mailbox@giz.de
Портали ифшогарони GIZ: https://www.bkms-system.com/bkwebanon/report/clientInfo?cin=26zig7&c=-1&language=eng.
Механизми мустақили баррасии шикоятҳои ХИС, https://irm.greenclimate.fund/.

### 3.3.1 Тартиби гузоришдиҳӣ ва вокуниш ба ИЗОҶ, ки ба ҷабрдида нигаронида шудааст[5]

*Замина*

GIZ сиёсати таҳаммулнопазирии қатъиро нисбат ба ҳама гуна зуҳуроти истисмор, зӯроварӣ ва озори ҷинсӣ пайгирӣ мекунад. Ин уҳдадорӣ бо чаҳорчӯбаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ дар сатҳи байналмилалӣ[6], корпоративӣ (GIZ)[7] ва Хазинаи Иқлими Сабз[8] комилан мувофиқ аст.

Шикоятҳои марбут ба ИЗОҶ раванди комилан дигарро пайравӣ мекунанд, зеро онҳо эҳтимолан ҷиддитар аз шикоятҳои оддӣ мебошанд. Дар ин маврид омилҳои зеринро ба инобат гирифтан зарур аст:

- Бархӯрди эҳтимолии манфиатҳо: Шикоят метавонад ба рафтори яке аз ҷонибҳои манфиатдори барнома дахл дошта бошад.
- Махфият: Шикояткунанда шояд нахоҳад, ки шахсияти ӯ ба таври васеъ ифшо гардад.
- Ҳассосияти гендерӣ ва фарҳангӣ: Шикояткунанда метавонад, ки шикоятро танҳо бо намояндаи ҳамҷинси худ мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Мутобиқан, МБШ-и барнома протоколи ба ҷабрдида нигаронидашуда ва ҳассос ба

[5] Note, additional measures to avoid SEAH are outlined in the Programme's Gender Action Plan within Annex 10a.

[6] Universal Declaration of Human Rights, the Convention on the Elimination of All Forms of Discrimination against Women and International Labour Organization (ILO) Conventions: 100 (ILO Convention for Equal Remuneration for Men and Women for Work), 111 (The Discrimination (Employment and Occupation) Convention of 1958), 190 (The Violence and Harassment Convention of 2019).
[7] GIZ Code of Ethics, GIZ Code of Conduct, GIZ Policy of prohibiting sexual harassment and sexual misconduct, GIZ Corporate Gender Strategy, GIZ Diversity Code.
[8] GCF Revised Environmental and Social Policy.

гендерро барои баррасии ин гуна шикоятҳо фаро мегирад.

Протоколҳои алоҳида вобаста ба субъекти шикояткунанда бояд риоя гарданд:

- Ҷонибҳои манфиатдори барнома (аз ҷумла баҳрабардорон ва ҷамоатҳо).
- Кормандони GIZ.

### *Протоколи ҳалли шикоятҳои ИЗОҶ барои ҷонибҳои манфиатдори барнома*

Фикру мулоҳизаҳо ва шикоятҳои марбут ба ИЗОҶ метавонанд аз ҷониби ҳамон гурӯҳҳое пешниҳод шаванд, ки фаъолияти МБШ-и барнома ба онҳо равона шудааст. Ба ин гурӯҳҳо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие дохил мешаванд, ки бевосита таҳти таъсири барнома қарор доранд, аз ҷумла баҳрабардорони эҳтимолӣ, ҷонибҳои манфиатдор, инчунин сокинон ва ҷамоатҳое, ки фаъолиятҳои лоиҳа ба онҳо таъсир мерасонанд.

Протоколи мушаххас барои МБШ таҳия карда мешавад, то кафолат диҳад, ки шикоятҳо ба тарзи ба ҷабрдида нигаронидашуда ва ҳассос ба гендер, мутобиқи Сиёсати таҷдидшудаи экологӣ ва иҷтимоии ХИС баррасӣ шаванд. Барои ин, шахсони воқеӣ ташвиқ карда мешаванд, ки аз рақами телефони махсус ва суроғаи почтаи электронии махсус, ки аз маълумоти тамоси умумии МБШ фарқ мекунанд, истифода баранд. Роҳнамои ҳамаҷониба оид ба ин протокол дар вебсайти барнома, дар адабиёти барнома, аз ҷумла дар варақаҳои иттилоотӣ ва маводи семинарҳо дастрас карда мешавад.

Дар сурате, ки чунин шикоят тасодуфан тавассути каналҳои оддӣ ворид гардад, Мушовири масъул оид ба масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ ва гендерӣ кафолат медиҳад, ки он ба самти дуруст равона карда шавад. Зангҳои телефонӣ ва мактубҳои электронии марбут ба ИЗОҶ дар алоҳидагӣ ва фарқкунанда аз шикоятҳои ғайри-ИЗОҶ идора карда мешаванд.

Шикоятҳои марбут ба ИЗОҶ ҳамеша бо ҳамдардӣ, ҳассосият ва риояи қатъии махфият баррасӣ карда мешаванд. Мутахассиси масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ оид ба масоили иҷтимоӣ равиши вокунишро барои ҳар як шикояти ИЗОҶ, бо назардошти хусусият ва ҷиддӣ будани иттиҳомот, мутобиқ месозад. Дар ҳолати зарурӣ (бо сабабҳои гендерӣ ё забонӣ), Масъули қабули шикоятҳо (МШ) бо риояи талаботи қатъии махфият таъин карда мешавад. МШ бо шикояткунанда тамос мегирад, то хоҳишҳои ӯро дарк намуда, равиши махфиро таъмин намояд. Дар асоси тафсилоти пешниҳодшуда, вобаста ба хоҳишҳои шикояткунанда ва ҷиддии шикоят, равиши вокуниши мувофиқ таҳия мегардад.

Вокунишҳои эҳтимолии лоиҳа ба шикоятҳои ИЗОҶ гуногун ва ба вазъият вобаста мебошанд. Барои мисол, ин вокунишҳо метавонанд амалҳоеро аз қабили дастгирӣ ба ҷабрдидагон (дастгирии психологӣ ё ёрии тиббӣ), омӯзонидани тренерон оид ба мавзуъҳои гендерӣ ва марбут ба ИЗОҶ ҷиҳати кафолат додани такрор нашудани рафтори номатлуб, хориҷ кардани кормандони гунаҳкор аз лоиҳа, густариши чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар бораи ИЗОҶ байни ҷонибҳои манфиатдори барнома, баргузории семинарҳои омӯзишӣ танҳо барои занон ё гурӯҳҳои муайяни қавмӣ (вобаста ба зарурат) ва дар ҳолатҳои шадид, ирсоли шикоятҳоро ба мақомоти дахлдори танзимкунанда ё ҳифзи ҳуқуқ фаро гиранд.

Агар шикояткунанда аз чораҳои пешниҳодшуда ё равиши вокуниш норозӣ боқӣ монад, шикоят метавонад ба сатҳи баландтар (эскалатсия) ирсол гардад: (i) Дафтари дахлдори кишварии GIZ ё Хадамоти машваратӣ оид ба риоя ва беайбӣ дар Дастгоҳи марказии GIZ; (ii) Механизми мустақили баррасии шикоятҳои ХИС; ва (iii) воситаҳои ҳимояи ҳуқуқӣ ва

маъмурии берун аз чаҳорчӯбаи барнома, ки дар дохили кишвар дастрасанд.

*Протоколи ҳалли шикоятҳои ИЗОҶ барои кормандони GIZ*
Аз кормандони дафтарҳои кишварии GIZ, ки эҳтимоли таҳти озори ҷинсӣ қарор гирифтани худро эҳсос мекунанд, даъват карда мешавад, ки бо мақсади таъмини эҳтиёт ва махфияти пурра бевосита ба Дафтари идоракунии хатарҳо ё Директори кишварӣ муроҷиат намоянд.

Илова бар ин, ҳамчун шахси тамос «афроди боэътимоде» таъин карда мешаванд, ки бо хусусиятҳои фарҳангӣ ва забонҳои маҳаллӣ ошнoии амиқ доранд; то ин ки корманди ҷабрдида тавонад ба онҳо эътимод намуда, кумаку дастгирӣ пурсад. Дар ҳолатҳое, ки ба амалҳо ва қарорҳои таъҷилӣ зарурат пайдо мешавад, ин афрод инчунин барои расонидани гузориш ба Дафтари идоракунии хатарҳо ё мудири кишварӣ мусоидат мекунанд.

Корманде, ки дар вайрон кардани сиёсати мазкур гунаҳкор дониста мешавад, ба ҷазои мувофиқи интизомӣ кашида хоҳад шуд. Вобаста ба дараҷаи ҷиддии қонуншиканӣ, ин метавонад узрпурсӣ аз ҷабрдида, танбеҳ, паст кардани вазифа, аз кор озод кардан ва ё бекор кардани шартномаро дар бар гирад. Дар ҳолатҳои озори шадид ва мунтазам, рафтори корманд аз нуқтаи назари меъёрҳои умумиқабулшудаи ахлоқӣ арзёбӣ карда мешавад. Нисбати ҳар нафаре, ки барои додани шикоят аз касе қасос мегирад ё ба ӯ фишор меорад, чораи фаврии интизомӣ андешида мешавад.

Дар сурате ки шикоят нисбати шахсони ғайрикорманд (аз қабили муштариён, таъминкунандагон ва шарикон) тасдиқи худро ёбад, он метавонад боиси бекор шудани шартнома ва ё қатъ гардидани ҳамкориҳои тиҷоратӣ гардад. Ҳамзамон, дидаву дониста пешниҳод намудани шикоят ё гузориши бардурӯғ дар бораи озор ва ё ироаи қасданаи маълумоти нодуруст вобаста ба шикоят низ вайронкунии ҷиддии сиёсати мазкур ба шумор меравад.

## 3.4 Гузоришдиҳӣ дар бораи коидаву қонуншиканиҳо

GIZ каналҳои гуногуни гузоришдиҳиро барои ифшогарон пешниҳод мекунад (барои дарёфти маълумоти муфассалтар нигаред ба сомонаи GIZ ):

- Портали онлайнии ифшогарон дар дилхоҳ вақти шабонарӯз, дар дилхоҳ гӯшаи ҷаҳон ва бо якчанд забонҳо дастрас аст. Онро метавон барои беном гузориш додан дар бораи қонуншиканиҳои эҳтимолӣ ва муошират мутобиқи баландтарин стандартҳои амниятӣ, бидуни талаби пешниҳоди суроғаи почтаи электронӣ ё рақами телефон истифода бурд. Истинод: https://www.giz.de/tell-us
- Оид ба вайронкуниҳои қонунҳо метавон ба Хадамоти машваратӣ тавассути почтаи электронӣ гузориш ирсол намуд: Compliance-mailbox@giz.de
- Маълумот вобаста ба табъиз ва рафтори номатлуби ҷинсӣ метавонад ба суроғаи stop-it@giz.de гузориш дода шавад.
- Омбудсмени (ваколатдор оид ба баррасии шикоятҳо) беруна ҳамчун нуқтаи тамос берун аз ташкилот дастрас буда, далелҳои махфии вайронкунии қоидаҳоро ҷамъоварӣ мекунад.

Шуъбаи мутобиқат ва беғаразии GIZ[9] ҳамаи гузоришҳоро дар бораи вайронкунии Кодекси рафтор, табъиз, рафтори номатлуби ҷинсӣ, озори корӣ ё вайронкуниҳои ҷиддии қоидаҳо мавриди тафтиши ҳамаҷониба қарор медиҳад. Он кафолат медиҳад, ки ҳамаи гузоришҳо пайгирӣ гардида, вокуниши мувофиқ ва оқибатҳои дахлдорро ба дунбол хоҳанд дошт.

Ҳифзи ифшогарон ва ҷабрдидагон афзалияти аввалиндараҷа[10] дорад. GIZ ин амниятро тавассути системае таъмин месозад, ки дар меҳвари гузоришдиҳии беном, махфияти мутлақ, нуқтаҳои мустақили тамос ва уҳдадориҳои қасос нагирифтан қарор дорад. Ин система инчунин дастрасии осон, раванди марказии идоракунии парвандаҳо[11], каналҳои махсуси шикоят аз рафтори номатлуби ҷинсӣ ва баррасии шикоятҳои ба ҷабрдида нигаронидашуда ва ҳассос ба гендерро дар контекстҳои барнома фаро мегирад.

## 3.5 Баланд бардоштани иқтидор ва тақвияти нерӯи кадрӣ

Дар доираи барнома баргузории силсилаи омӯзишҳо барои намояндагони ТИ, МИЛ ва кормандони барнома пешбинӣ шудааст.

Ҳадафи умумии баланд бардоштани иқтидор аз он иборат аст, ки тамоми ҷонибҳои манфиатдор дониш ва малакаҳои зарурӣро барои самаранок татбиқ кардани Кафолатҳои экологӣ ва иҷтимоии ХИС пайдо намоянд. Ин тақвияти фаҳмиши АТМЗИ, НИЭИ, НҶҶМ ва МБШ-ро дар бар мегирад. Эҳтиёҷот ба омӯзиш пайваста арзёбӣ гардида, омӯзишҳои мақсаднок пешниҳод мешаванд, то ҷонибҳои манфиатдор хатарҳо ва тартиби идоракунии шикоятҳоро ба таври кофӣ дарк намоянд.

Барнома системаи муосири идоракунии донишро таъсис дода, иқтидорро дар ҳама сатҳҳо тақвият мебахшад. Маълумот оид ба кафолатҳо бояд мунтазам ҷамъоварӣ, таҳлил ва гузориш дода шавад. Ин имкон медиҳад, ки дар ҳолати зарурӣ эҳтиёҷоти иловагӣ ба омӯзиш сари вақт муайян карда шаванд.

*Ҷадвали 3: Тартиби баланд бардоштани иқтидои КЭИ*

| | |
|---|---|
| **Мақсад:** | Барои таъмин намудани он, ки ТИ, ММВ, МИЛ, аз ҷумла кормандони сатҳи ҳукумати маҳаллӣ ва ҷонибҳои манфиатдори дахлдор, талаботи лоиҳаро вобаста ба риояи КЭИ 1 – 8 ба таври муассир ва амиқ дарк намоянд.<br>Мӯҳтавои омӯзишҳо бояд принсипҳо, талабот ва татбиқи амалии кафолатҳои дахлдорро дар бар гирад. |
| **Дастурамалҳо/ Тавсифҳо:** | Гурӯҳи КЭИ нақшаҳо ва маводи зарурӣро вобаста ба баланд бардоштани иқтидор ҷиҳати татбиқи НИЭИ ва ҳамгироии он дар давоми мӯҳлати лоиҳа таҳия менамояд. Гурӯҳи КЭИ тадбирҳои зеринро иҷро мекунад:<br>• Арзёбии эҳтиёҷот ба омӯзиш (АЭО)<br>• Таҳияи нақшаи баланд бардоштани иқтидор, аз ҷумла:<br>    o Муайян кардани иштирокчиёни омӯзишҳо/гурӯҳҳои мақсаднок (дар асоси натиҷаҳои АЭО) ба монанди ММВ, ТИ, шарикони барнома, хизматрасониҳои машваратӣ (кормандони хадамоти машваратӣ-омӯзишӣ ) ва баҳрабардорон.<br>    o Муайян кардани шумораи семинарҳои омӯзишӣ, маконҳои баргузорӣ ва давомнокии тахминии омӯзиш. |

[9] Нигаред URL: Compliance | GIZ (last visited on 24.02.2026)https://www.giz.de/en/downloads/Code of ethics.pdf.

[10] Нигаред URL: https://www.giz.de/en/downloads/Code%20of%20ethics.pdf (last visited on 24.04.2026).

[11] Нигаред URL: Case Management Process Unit Governance, Risk, Compliance (GRC, 0C00) for reports, notifications, human rights complaints and requests for advice. (last visited on 27.06.2026)

- Таҳияи маводи баланд бардоштани иқтидор, махсусан барои сатҳи минтақавӣ ва маҳаллӣ. Муҳтавои мавод ба талаботи кафолатҳои барои барнома татбиқшаванда равона карда шуда, татбиқ ва ҳисоботдиҳиро осон мегардонад.
- Гузаронидани омӯзишҳо барои гурӯҳҳои дахлдори омӯзишӣ ё гурӯҳҳои мақсаднок.
- Арзёбии омӯзишҳои КЭИ дар асоси таҳлили ҳисоботҳо оид ба татбиқи кафолатҳо ва мониторинги умумии раванди амалисозӣ.

Нокифоя будани сатҳи дониш (ноу-хау) оид ба дарки оқибатҳои кафолатҳои экологӣ ва иҷтимоӣ, татбиқи онҳо, мониторинг ва такмили доимӣ ҳамчун хатари ҷиддӣ барои муваффақияти барнома арзёбӣ мегардад.

Чораҳои пешгирикунанда:

- Таъмини баргузории АЭО, аз ҷумла пешниҳоди ҷадвалҳои баланд бардоштани иқтидор.
- Таъмини баргузории омӯзишҳои КЭИ барои гурӯҳҳои зерҳадаф.
- Таъмини иштироки фаъоли намояндагони гурӯҳҳои зерҳадаф дар омӯзишҳои КЭИ.

Муҳтавои омӯзиш:

- Сиёсати экологӣ ва иҷтимоии ХИС ва Стандартҳои КЭИ
- Шарҳи умумӣ дар бораи АТМЗИ барои барнома
- Чораҳои НИЭИ, ки ба иштирокчиён нигаронида шудаанд
- Нақшаи ҷалби ҷонибҳои манфиатдор
- Механизми шикоятҳо

Муҳлатҳо:

- Пеш аз оғози амалисозии барнома:
  - Ҷалби мутахассиси баландихтисоси омӯзишӣ (як нафар барои ҳар кишвар)
  - Ҷалби мутахассисони КЭИ (нигаред ба зербоби 3.1-и боло)
- Дар давоми марҳилаи муқаддимавӣ (дар доираи Соли 1):
  - Арзёбии эҳтиёҷот ба омӯзиш
  - Нақша ва ҷадвали чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани иқтидор
  - Семинарҳои омӯзишӣ (Муқаддима ба омӯзишҳои КЭИ барои гурӯҳи мақсаднок)
  - Гузаронидани омӯзишҳо барои гурӯҳҳои мақсаднок
  - Ҳисобот оид ба баланд бардоштани иқтидор (ҳисоботи татбиқ ва арзёбии омӯзиш)
- Дар давоми татбиқи барнома:
  - Ҳисобот оид ба баланд бардоштани иқтидор ҳамасола баррасӣ карда мешавад.
  - Агар иқтидори ҷонибҳои манфиатдори дахлдор ба беҳтарсозӣ ниёз дошта бошад, омӯзишҳои иловагии КЭИ гузаронида мешаванд. Омӯзиш дар асоси натиҷаҳои баррасӣ ва санҷишҳои интихобӣ ба роҳ монда мешавад.
  - Мониторинг ва арзёбии иҷрои талаботи НИЭИ.

## 3.6 Системаи мониторинг ва ҳисоботдиҳии экологӣ ва иҷтимоии барнома

Риояи КЭИ ва пешрафт дар амалисозии НИЭИ тавассути семинарҳои солонаи Мониторинг дар асоси натиҷаҳо (МАН), инчунин тавассути худи системаи СИЭИ пайваста назорат карда мешавад. Ҳар як тадбир арзёбӣ мегардад, то муайян карда шавад, ки оё раванди амалисозӣ мувофиқи нақша пеш меравад (масалан, оё он ба таъхир афтодааст, тибқи ҷадвал идома дорад ё пеш аз мӯҳлат мебошад). Дар ҳолати ба вуҷуд омадани таъхир, сабабҳои он бояд ҳуҷҷатгузорӣ гардида, чораҳои дахлдори ислоҳӣ сари вақт пешниҳод гарданд.

Илова бар пайгирии пешрафти амалисозӣ, лоиҳа самаранокии чораҳои коҳиш додани хатарҳоро назорат мекунад. Агар чораҳои муайяни коҳиш додани хатарҳо ғайриимкон ё бесамар арзёбӣ гарданд, онҳо бояд мувофиқан аз нав дида баромада шаванд. Ҳангоми зарурат метавонанд фаъолиятҳо ва нишондиҳандаҳои иловагии мониторинг муқаррар карда шаванд.

Маълумоти умумӣ ва беномшуда оид ба чораҳои пешгирӣ ва коҳиш додани хатари ИЗОҶ ба ҳисоботҳои мониторинги экологӣ ва иҷтимоии лоиҳа дохил карда мешаванд. Ин ҳисоботҳо қисми ҷудонашавандаи ҳисоботдиҳии солонаи пешрафти НИЭИ-ро ташкил дода, бо Маркази идораи лоиҳа (МИЛ) мубодила карда мешаванд ва дар айни замон кафолат дода мешавад, ки махфияти ҷабрдидагон ба таври қатъӣ риоя карда мешавад. Тавре ки дар НЧМГ (Замимаи 10а) инъикос ёфтааст, нишондиҳандаҳои ченшаванда барои дастгирии мониторинги чораҳои коҳиш додани хатари ИЗОҶ дохил карда шудаанд. Инҳо, аз ҷумла, шумораи коргароне, ки оид ба пешгирии ИЗОҶ омӯзонида шудаанд, шумораи ҷаласаҳои огоҳсозии баргузоргардида ва фаъолияти хатсайрҳои роҳнамоӣ ба провайдерҳои дахлдори хизматрасониро фаро мегиранд.

Ҳодисаҳои марбут ба ИЗОҶ, ки тавассути МБШ-и барнома гузориш дода мешаванд, мутобиқи тартиботи ба ҷабрдида нигаронидашуда, ки дар Нақшаи ҷалби ҷонибҳои манфиатдор зикр шудаанд, баррасӣ мегарданд. Ин тартибот каналҳои махфии гузоришдиҳӣ, ҳуҷҷатгузории бехатар ва ахлоқии парвандаҳо ва роҳнамоӣ ба хизматрасониҳои дахлдори дастгирии тиббӣ, психологию иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро дар ҳолати зарурӣ таъмин месозанд.

Барнома самаранокии чораҳои коҳиш додани хатарҳоро тавассути мушоҳидаҳо, шикоятҳои воридшуда ва машваратҳои созанда бо ҷонибҳои манфиатдор арзёбӣ мекунад. Ҳамоҳангӣ бо нақшаи умумии мониторинги барнома дар ҳар куҷое, ки имконпазир бошад, истифода хоҳад шуд, аз ҷумла нишондиҳандаҳои дахлдоре, ки метавонанд барои арзёбии самаранокии чораҳои коҳиш додани хатарҳо мусоидат намоянд. Мониторинги солона инчунин бояд ҳама гуна хатарҳои иловагии экологӣ ё иҷтимоиро, ки метавонанд пас аз оғози амалисозии барнома ба вуҷуд омада бошанд, сари вақт муайян кунад ва чораҳои мувофиқи коҳиш додани хатарҳоро барои ҳама гуна хатарҳои нави назаррас муқаррар намояд. Ин хатарҳои иловагӣ ва ҳама гуна чораҳои мувофиқи коҳиш додани хатарҳо ба НИЭИ ворид карда шуда, ҳамчун як қисми ҳисоботи солона оид ба натиҷаҳои фаъолият (ҲСНФ) гузориш дода мешаванд.

Пешрафти солонаи НИЭИ аз ҷониби Шуъбаи назорати ХИС дар GIZ ҳамчун як қисми муколамаи системавӣ оид ба хатарҳо ва миссияҳои даврии назорати барнома баррасӣ карда мешавад. Дар маҷмӯъ, раванди мониторинг ва ҳисоботдиҳии экологӣ ва иҷтимоӣ ба равиши умумии мониторинг ва идоракунии барнома комилан ҳамгиро карда шудааст.

## 3.7 Нақшаи идоракунии экологӣ ва иҷтимоӣ (НИЭИ)

Ҷадвали зерин чораҳои коҳиш додани хатарҳои экологӣ ва иҷтимоӣ ва масъулиятҳои ташкилиро ҷиҳати амалисозӣ пешниҳод менамояд.

*Ҷадвали 4: НИЭИ*

<table>
<tr><th>№</th><th>Фаъолияти (зерфаъолияти) барнома</th><th>Чораҳои коҳиш додани хатар</th><th>Масъулият</th><th>Захираҳо</th></tr>
<tr><td colspan="5">КЭИ 1. Хатарҳои экологӣ ва иҷтимоӣ (дараҷаи хатар: миёна)<br>• Хатарҳои байнисоҳавӣ дар тамоми компонентҳо: нигарониҳо оид ба ҳуқуқи меҳнат, ИЗОҶ, ҷалби сусти ҷонибҳои манфиатдор, назорат ва мониторинги заифи тақсимоти фоида, ва иқтидори маҳдуди институтсионалӣ барои назорат, ҳисоботдиҳӣ ва идоракунии хатарҳои экологӣ ва иҷтимоӣ.<br>• Хатарҳои мушаххаси Компоненти 2: таназзули хок, талафи гуногунии биологӣ ва истифодаи аз ҳад зиёди об, бо хатарҳои эҳтимолии мутобиқшавии нодуруст (maladaptation), дар якҷоягӣ бо ИЗОҶ дар ҳамкориҳои ҷамоатҳо, ғасби элита дар интихоби баҳрабардорон ва дур мондани занон аз равандҳои банақшагирӣ.</td></tr>
<tr><td>1.1</td><td>Байнисоҳавӣ (ҳамаи фаъолиятҳо)</td><td>Ҷалб намудани як мушовири КЭИ дар ҳар як кишвар ҷиҳати назорати нишондиҳандаҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва гендерӣ ҳангоми татбиқ.<br><br>Ҷалб намудани як мутахассиси КЭИ оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва гендерӣ ва як мутахассиси КЭИ оид ба муҳити зист барои ҳар як МИЛ ҷиҳати назорати нишондиҳандаҳо ҳангоми татбиқ.<br><br>Амалисозии:<br>• НИЭИ ҷиҳати идоракунии хатарҳои эҳтимолӣ ва таъсиси Механизми баррасии шикоятҳои барнома (МБШ) барои расидагӣ ба шикоятҳо;<br>• НЧМГ ва таъмини он, ки МБШ[12] ҳассос ба гендер аст, омӯзонидани кормандони лоиҳа ва роҳандозии маъракаҳои иттилоотӣ оид ба пешгирии ИЗОҶ;</td><td>GIZ<br><br>ВЗОКСК, ARIS, МТЛС, КМЭТИ<br><br>GIZ, ВЗОКСК, ARIS, МТЛС, КМЭТИ</td><td>1 мушовири минтақавии КЭИ GIZ<br>1 мушовири минтақавии Мониторинг ва арзёбии GIZ<br>1 мушовири КЭИ / Мониторинг ва арзёбии GIZ барои ҳар як кишвар<br>1-2 мутахассисони КЭИ барои ҳар як ТИ дар ҳар як кишвар</td></tr>
</table>

[12] Барои дарёфти дастурҳо оид ба таҳияи МБШ, аз ҷумла протокол оид ба ҳалли масъалаҳои ИЗОҶ, лутфан ба Замимаи 1-и АТМЗИ (Замимаи 7а) муроҷиат кунед.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | • НҶҶМ ҷиҳати таъмини ҷалби пурмазмун, ба шароити маҳаллӣ мутобиқшуда ва ҳассос ба гендери ҷонибҳои манфиатдор. | | |
| 1.2 | Фаъолияти 2.2.1<br>Фаъолияти 2.2.2<br>Фаъолияти 2.3.1<br>Фаъолияти 2.3.3 | Дастгирӣ ва маблағгузории раванди татбиқи технологияҳо ва таҷрибаҳои тарғибшавандаи УИПК (CRLE), бо таъмини мутобиқат ба категорияи хатари барнома ва риояи қатъии АТМЗИ ва НИЭИ. | GIZ, ВЗОКСК, ARIS, МТЛС, КМЭТИ | Мушовирон ва мутахассисони КЭИ ва Мониторинг ва арзёбии Ташкилотҳои иҷрокунанда.<br><br>Кормандони машваратии техникӣ ва кормандони хадамоти машваратӣ-омӯзишӣ ҷалбшуда: хароҷоти омӯзиш ва машварат ба буҷетҳои фаъолиятҳои 2.2.1, 2.2.2, 2.3.1 ворид карда шудаанд. |
| 1.3 | Фаъолияти 2.2.1<br>Фаъолияти 2.2.2<br>Фаъолияти 2.3.1<br>Фаъолияти 3.3.2 | Татбиқи санҷиши ҳатмии зерлоиҳаҳо оид ба ИЗОҶ[13] қабл аз тасдиқи зерлоиҳа. Муайян ва ворид намудани чораҳои ба хатар мувофиқ. | GIZ, ВЗОКСК, ARIS, МТЛС, КМЭТИ | Мушовирон ва мутахассисони КЭИ ва мониторинг ва арзёбии Ташкилотҳои иҷрокунанда |
| **КЭИ 2. Меҳнат ва шароити корӣ (дараҷаи хатар: миёна)**<br>• Хатарҳои байнисоҳавӣ дар тамоми компонентҳо: татбиқи лоиҳа ғайриихтёран ба вайронкунии ҳуқуқи меҳнат ва ИЗОҶ мусоидат карда метавонад.<br>• Хатарҳои мушаххаси Компоненти 2: фаъолиятҳое, ки кори вазнинро фаро мегиранд, метавонанд баҳрабардорон ва/ё коргаронро ба шароити хатарноки корӣ, музди ноодилонаи меҳнат, вайронкунии ҳуқуқи меҳнат ва хатарҳои меҳнати маҷбурӣ ё кӯдакон дучор кунанд, бахусус дар мавсимҳои авҷи кишоварзӣ; фаъолиятҳои омӯзишӣ ва баланд бардоштани иқтидор инчунин метавонанд хатари гирифторӣ ба ИЗОҶ-ро бештар гардонанд. | | | | |
| 2.1 | Байнисоҳавӣ (ҳамаи фаъолиятҳо) | Амалисозӣ:<br>• МБШ-и ҳассос ба гендер ҷиҳати мусоидат ба гузоришдиҳии саривақтии шикоятҳо ва нигарониҳо, аз ҷумла низоъҳо миёни кормандон ва корфармоён.<br>• НЧМГ, ки чораҳои махсусро барои хатарҳои ИЗОҶ фаро мегирад, ба монанди чораҳои огоҳӣ оид ба ИЗОҶ, МБШ-и ба ҷабрдида нигаронидашуда ва ҳассос ба гендер, ки барои ҳалли масъалаҳои ИЗОҶ муҷаҳҳаз шудааст. | GIZ, ВЗОКСК, ARIS, МТЛС, КМЭТИ | Мушовирон ва мутахассисони КЭИ ва мониторинг ва арзёбии Ташкилотҳои иҷрокунанда.<br>Кормандон: 250,000 EUR (евро)<br>Омӯзиш/семинарҳо: 200,000 EUR (евро) |
| 2.2 | Фаъолияти 2.2.1<br>Фаъолияти 2.2.2<br>Фаъолияти 2.3.1<br>Фаъолияти 2.3.3 | Фаро гирифтани маълумоти зарурӣ дар бораи оқибатҳои меҳнати кӯдакон ва меҳнати маҷбурӣ дар ҷараёни омӯзиши КЭИ. | ТИ: ВЗОКСК, ARIS, МТЛС, КМЭТИ | Мушовирон ва мутахассисони КЭИ ва Мониторинг ва арзёбии Ташкилотҳои иҷрокунанда.<br>Кормандони машваратии техникӣ ва кормандони хадамоти машваратӣ-омӯзишӣ ҷалбшуда: хароҷоти омӯзиш ба буҷетҳои 2.2.1, 2.2.2, 2.3.1 дохил карда шудаанд. |

[13] Тартиби муфассали санҷиш, аз ҷумла дараҷабандии хавфҳо ва чораҳои коҳишдиҳӣ, аз ҷониби коршиносони барнома оид ба КЭИ дар давраи оғози барнома расман мувофиқа ва ниҳоӣ карда мешавад.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2.3 | Фаъолияти 2.2.1<br>Фаъолияти 2.2.2<br>Фаъолияти 2.3.1<br>Фаъолияти 2.3.3 | Ҳангоми зарурат оид ба таҷрибаҳои хуби бехатарӣ ва саломатии меҳнатӣ (БСМ) омӯзишҳо гузаронида шаванд. Мавзуъҳои омӯзишӣ метавонанд вобаста ба чорабиниҳои қобили қабул мушаххас карда шаванд, аммо эҳтимолан масъалаҳои таъминот ва истифодаи дурусти ВҲШ, бо даст бардоштан ва интиқол додани бор, насб ва истифодабарии бехатар, таҳияи дастурамалҳои бехатарии корӣ, истифодаи бехатари техника, истифодаи бехатари моддаҳои агрокимиёвӣ ва идоракунии ҳамгирошудаи зараррасонҳо (ИҲЗ)-ро фаро мегиранд. | ВЗОКСК, ARIS, МТЛС, КМЭТИ | Мушовирон ва мутахассисони КЭИ ва мониторинг ва арзёбии Ташкилотҳои иҷрокунанда. Хароҷоти омӯзиш ба буҷетҳои 2.2.1, 2.2.2, 2.3.1 дохил карда шудаанд. |
| 2.4 | Фаъолияти 2.2.1<br>Фаъолияти 2.2.2<br>Фаъолияти 2.3.1<br>Фаъолияти 2.3.3 | Барои чорабиниҳое, ки истифодаи техникаи кишоварзӣ ё хоҷагии ҷангалро дар бар мегиранд, ҷиҳати пешгирии садамаҳо бояд арзёбии хавфҳо гузаронида шуда, ҳама гуна чораҳои беҳдошти бехатарӣ ва талабот ба омӯзиш ҳуҷҷатгузорӣ ва татбиқ карда шаванд. | ВЗОКСК, ARIS, МТЛС, КМЭТИ | Мушовирон ва мутахассисони КЭИ ва Мониторинг ва арзёбии Ташкилотҳои иҷрокунанда. Хароҷоти омӯзиш ба буҷетҳои 2.2.1, 2.2.2 ва 2.3.1 дохил карда шудаанд. |
| **КЭИ 3. Самаранокии захираҳо ва пешгирии ифлосшавӣ (дараҷаи хатар: миёна)**<br>Компоненти 2 ва 3:<br>• Хатари ифлосшавӣ ва инфрасохтор: системаҳои заифи назорати партовҳо ва ифлосшавӣ метавонанд боиси ифлосшавии маҳаллӣ аз фаъолиятҳои барнома гарданд.<br>• Хатари захираҳои об: захираҳои маҳдуд ва бесамар истифодашавандаи об, махсусан дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон, метавонанд рақобатро барои захираҳои ками об шадидтар кунанд.<br>• Хатари таъминот бо нерӯи барқ: инфрасохтори фарсуда ва осебпазири барқ маънои онро дорад, ки фаъолиятҳои лоиҳа метавонанд талаботро зиёд кунанд ва нерӯи барқро аз дигар истифодабарандагон маҳрум созанд. | | | | |
| 3.1 | Фаъолияти 2.2.1<br>Фаъолияти 2.3.1<br>Фаъолияти 2.3.3 | Баланд бардоштани иқтидор ва ташкили омӯзишҳо оид ба:<br>• Таҷрибаҳои УИПК дар самти истифодаи замин барои деҳқонон, шарикон ва кормандони хадамоти машваратӣ, инчунин гузаронидани омӯзишҳо оид ба идоракунии ҳамгирошудаи алафҳои бегона бо мақсади коҳиш додани вобастагӣ аз гербисидҳо;<br>• Таҷрибаҳои пешқадами экологӣ (масалан, интихоби маҳсулот, нигоҳдорӣ, истифода ва безараргардонӣ) вобаста ба моддаҳои агрокимиёвии аз ҷиҳати экологӣ бехатар, ба монанди маводи коркарди тухмӣ ва нуриҳои минералӣ;<br>• Ҷорӣ намудани киштгардон дар асоси навъҳои ғайриинвазивии ба шароити маҳаллӣ мутобиқшуда ва банақшагирии киштгардони ба иқлим мувофиқ ҷиҳати пешгирӣ аз афзоиши талабот ба нуриҳо ва обёрӣ;<br>• Омодасозии устувори компост аз партовҳои биологӣ, истифодаи мулча ва пешгирии пайдоиши партовҳо (дар мавридҳои зарурӣ);<br>• Истифодаи самараноки захираҳо, пешгирии ифлосшавӣ ва татбиқи таҷрибаҳои беҳтарин бо таваҷҷуҳи махсус ба идоракунии | ВЗОКСК, МТЛС, КМЭТИ | Кормандони машваратии техникӣ ва кормандони хадамоти машваратӣ-омӯзишӣ ҷалбшуда: хароҷоти омӯзиш ба буҷетҳои 2.2.1, 2.2.2, 2.3.1 дохил карда шудаанд. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | захираҳои об, энергия ва партовҳо дар сатҳи маҳаллӣ (барои шарикони татбиққунанда, пудратчиён ва мақомоти маҳаллӣ). | | |
| 3.2 | Фаъолияти 2.2.1 | Тарғиби таҷрибаҳои рӯйпӯш намудани хок ва зироатҳо бо истифода аз маводи органикии ба шароити маҳал мутобиқ, навъҳои набототи рӯйпӯшкунандаи ғайриинвазивӣ ва идоракунии дурусти боқимондаҳои зироатӣ, бо мақсади пешгирӣ аз рақобат барои намӣ, фароҳам омадани макони зист барои зараррасонҳо ва пайдоиши партовҳо. | ТИ: ВЗОКСК, МТЛС, КМЭТИ | Хароҷоти машварат ва мавод ба буҷети 2.2.1 дохил карда шудаанд. |
| 3.3 | Фаъолияти 2.2.1<br>Фаъолияти 2.3.1 | Таъмин намудани истифода ё дастрас кардани маводи устувор барои иншооти муҳофизатӣ дар мавридҳои зарурӣ (масалан, тӯрҳои муҳофизатӣ аз жола ва ҳашарот, инчунин тӯрҳои сояафкан) ва баланд бардоштани иқтидор доир ба истифодаи дуруст, нигоҳдорӣ, баргардонидан, коркарди дубора ё роҳҳои безараргардонии онҳо бо мақсади коҳиш додани ҳаҷми партовҳо ва таъсири манфии онҳо. Инчунин, татбиқи чунин чораҳо ҳангоми идоракунии ниҳолхонаҳо зарур аст. | ТИ: ВЗОКСК, МТЛС, КМЭТИ | Хароҷоти машварат ва мавод ба буҷетҳои 2.2.1 ва 2.3.1 дохил карда шудаанд. |
| 3.4 | Фаъолияти 2.2.1 | Самаранок гардонидани истифодаи об тавассути тарҳрезии касбии техникии иншооти ҷамъоварӣ ва тақсимоти об, инчунин тавассути бунёд, нигоҳдории техникӣ ва ташкили омӯзишҳои стандартӣ марбут ба беҳдошти ҷангалзор ва шинондани дарахтон дар мавзеъҳое, ки татбиқи чорабиниҳои барнома ба нақша гирифта шудаанд ва мувофиқ дониста мешаванд. | ВЗОКСК, МТЛС, КМЭТИ | Муҳандиси сохтмонии GIZ (1 дар ҳар кишвар) ва мутахассисони ТИ. Хароҷоти омӯзиш, машварат ва мавод ба буҷети 2.2.1 дохил шудаанд. |
| 3.5 | Фаъолияти 2.2.1<br>Фаъолияти 2.3.1<br>Фаъолияти 2.3.3 | Ҷорӣ намудани талаботи ҳатмӣ вобаста ба сармоягузориҳои марбут ба обёрӣ ҷиҳати тасдиқи мавҷудияти об дар ҳамкорӣ бо Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об, бо мақсади кафолат додани тақсимоти одилонаи он байни ҳамаи истифодабарандагон. | ВЗОКСК, МТЛС, КМЭТИ | Муҳандиси сохтмонии GIZ ва мутахассисони ТИ.<br>Хароҷоти машварат ба буҷетҳои 2.2.1, 2.3.1 ва 2.3.3 дохил карда шудаанд. |
| 3.6 | Фаъолияти 2.2.1<br>Фаъолияти 2.2.2<br>Фаъолияти 2.3.1<br>Фаъолияти 2.3.3 | Таъмин намудани пешгирӣ ё ба ҳадди ақал расонидани истифодаи маводи хатарнок дар ҳамаи чорабиниҳои барнома, роҳ надодан ба хариди моддаҳои манъшуда ва риояи қатъии талаботи санадҳои меъёрии амалкунандаи миллӣ вобаста ба моддаҳои кимиёвӣ, сӯзишворӣ ва идоракунии партовҳо. | ВЗОКСК, ARIS, МТЛС, КМЭТИ | Мушовирон ва мутахассисони КЭИ, харид ва Мониторинг ва арзёбии Ташкилотҳои иҷрокунанда. |
| 3.7 | Фаъолияти 2.2.1<br>Фаъолияти 2.2.2<br>Фаъолияти 2.3.1<br>Фаъолияти 2.3.3<br>Фаъолияти 3.3.2 | Татбиқ намудани абзори санҷиши экологӣ ва иҷтимоӣ барои зерлоиҳаҳои эҳтимолӣ, бо мақсади таъмини риояи талабот ва идоракунии боэътимод. | GIZ, ВЗОКСК, ARIS, МТЛС, КМЭТИ | Мушовирон ва мутахассисони КЭИ ва Мониторинг ва арзёбии ТИ.<br>Хароҷоти кормандон ба буҷетҳои ТИ дохил карда шудаанд. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 3.8 | Фаъолияти 2.3.1<br>Фаъолияти 2.3.3 | Дастгирӣ намудани технологияҳои камхарҷ, сарфакунандаи меҳнат ва об барои занони кишоварз, бо назардошти он ки онҳо аксаран қитъаҳои хурди заминро коркард намуда, ба техника дастрасии маҳдуд доранд, ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо ва ҳамзамон коҳиш додани осебпазирии экологӣ ва иҷтимоӣ. | ВЗОКСК, МТЛС, КМЭТИ | Хароҷоти машварат ва мавод ба буҷетҳои 2.3.1 ва 2.3.3 дохил карда шудаанд. |
| **КЭИ 4. Саломатӣ ва бехатарии ҷомеа (дараҷаи хавф: миёна)**<br>Компонентҳои 2 ва 3:<br>• Хавфҳо ба саломатӣ ва бехатарии ҷомеа: корҳои обёрӣ ва сохтмонӣ метавонанд боиси сар задани хавфи бемориҳои сироятии тавассути об ва ҳашарот паҳншаванда гарданд. Инчунин, хавфҳои вобаста ба истифодаи ноамни нуриҳои минералӣ ё воситаҳои ҳифзи наботот, идоракунии номатлуби партовҳо ва ҳодисаҳои нохуши марбут ба нақлиёт ё таҷҳизот вуҷуд доранд.<br>• Хавфҳои иҷтимоӣ: пайдоиши танишҳо бар асари рақобат барои захираҳои барнома ва баҳсҳои марбут ба азхудкунии ғайриқонунӣ ё дуздӣ дар сатҳи баҳрагирандагон. Дар баробари ин, паҳншавии якбораи зараррасонҳо метавонад сатҳи зиндагии мардумро бадтар намуда, осебпазирии иҷтимоиро боз ҳам шадидтар гардонад.<br>• Хавфҳои вобаста ба ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳисоботдиҳӣ: эҳтимолияти ҳолатҳои ИЗОҶ (Истисмор, зӯроварӣ ва озори ҷинсӣ) дар ҷараёни омӯзишҳо ва ҳамкорӣ бо шарикон, инчунин фазои маҳдуди шаҳрвандӣ, ки метавонад монеи пешниҳоди бехатар ва самараноки шикоятҳо гардад. | | | | |
| 4.1 | Фаъолияти 2.3.1 | Манъ намудани хариди мустақим ва пешниҳоди воситаҳои кимиёвии ҳифзи наботот. Барнома хариди ҳама гуна пеститсидҳо, гербитсидҳо ва нуриҳои сунъиро дастгирӣ намекунад. Илова бар ин, ташкили омӯзишҳо оид ба усулҳои бехатари пешбурди кишоварзӣ ва принсипҳои ИҲЗ бо мақсади коҳиш додани вобастагӣ аз моддаҳои агрокимиёвӣ, аз ҷумла баланд бардоштани сатҳи огоҳии мардум вобаста ба истифодаи бехатар, коркард, нигоҳдорӣ ва безараргардонии нуриҳои минералӣ, инчунин оид ба таъсири манфии эҳтимолии онҳо ба саломатӣ ва муҳити зист дар сурати истифодаи нодуруст. | ВЗОКСК, МТЛС, КМЭТИ | Мушовирон ва мутахассисони КЭИ, харид ва Мониторинг ва арзёбии Ташкилотҳои иҷрокунанда.<br><br>Хароҷоти омӯзиш ва машварат ба буҷетҳои 2.2.1 ва 2.3.1 дохил карда шудаанд. |
| 4.2 | Фаъолияти 2.2.1<br>Фаъолияти 2.2.2<br>Фаъолияти 2.3.1<br>Фаъолияти 2.3.3<br>Фаъолияти 3.3.2 | Таъмин намудани шаффофият ва фарогирӣ дар тамоми равандҳои интихоби зерлоиҳаҳо ва баҳрагирандагон, инчунин ба таври васеъ хабардор кардани аҳолӣ тавассути муқаррар намудани меъёрҳои дақиқи интихоб, машваратҳои озод бо ҷомеа ва корҳои фаҳмондадиҳӣ. Дар баробари ин, бояд чораҳои мушаххас ҷиҳати ҷалби гурӯҳҳои осебпазир ва пешгирии хавфҳои ИЗОҶ ҳангоми интихоби баҳрагирандагон ва иштирокчиён дар чорабиниҳои ҷамъиятӣ андешида шаванд. | GIZ, ВЗОКСК, ARIS, МТЛС, КМЭТИ | Мушовирон ва мутахассисони КЭИ ва Мониторинг ва арзёбии Ташкилотҳои иҷрокунанда.<br><br>Хароҷоти иттилоърасонӣ ва машварат ба буҷетҳои 2.2.1, 2.2.2, 2.3.1 ва 3.3.2 дохил шудаанд. |
| 4.3 | Фаъолияти 2.2.1<br>Фаъолияти 2.2.2<br>Фаъолияти 2.3.1<br>Фаъолияти 2.3.3<br>Фаъолияти 3.3.2 | Таъмин намудани риояи стандартҳои қатъии бехатарӣ дар ҳамаи корҳои сохтмонӣ тавассути назорати дастрасӣ ба майдонҳои корӣ, насби аломатҳои равшану намоён ва сари вақт огоҳ намудани аҳолӣ пеш аз оғози корҳо. | GIZ, ВЗОКСК, ARIS, МТЛС, КМЭТИ | Муҳандиси сохтмонии GIZ ва мутахассисони ТИ.<br><br>Хароҷоти машварат ва мавод ба буҷетҳои 2.2.1, 2.2.2, 2.3.1 ва 3.3.2 дохил шудаанд. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 4.4 | Фаъолияти 2.1.2<br>Фаъолияти 2.2.1<br>Фаъолияти 2.2.2<br>Фаъолияти 2.3.1<br>Фаъолияти 2.3.3<br>Фаъолияти 3.3.2 | Ташкилу гузаронидани чорабиниҳои барнома бо ҷалби миёнаравҳои боэътимод ва соҳибеътибор дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ, инчунин таъмин намудани робитаи ошкорою шаффоф бо хоҷагиҳои иштирокчӣ. Таъмин намудани дастгирии зарурии логистикӣ, аз ҷумла бо нақлиёти бехатар ва ҷойи зисти мувофиқ ҳангоми омӯзишҳои чандрӯза, махсусан ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои иштироки бехатар, баробар ва фарогири занон. | GIZ, ВЗОКСК, ARIS, МТЛС, КМЭТИ | Мушовирон ва мутахассисони КЭИ ва Мониторинг ва арзёбии Ташкилотҳои иҷрокунанда.<br><br>Хароҷоти семинар ва машварат ба буҷетҳои 2.1.2, 2.2.1, 2.2.2, 2.3.1, 3.3.2 дохил шудаанд. |
| 4.5 | Фаъолияти 2.2.2 | Таҳия ва татбиқ намудани ҷадвали чаронидани чорво дар мувофиқа бо мақомоти маҳаллии идоракунии чарогоҳҳо, бо истифода аз усулҳои банақшагирии муштарак ва назорати ҷамъиятии раванди барқароршавии наботот дар мавридҳои зарурӣ. Ҳамзамон, идоракунии самараноки хатарҳои марбут ба дастрасӣ ба чарогоҳҳои дурдасти камистифодашаванда тавассути пешбурди робитаи ошкоро ва истифодаи МБШ ҷиҳати пешгирӣ ё ба ҳадди ақал расонидани баҳсҳои эҳтимолӣ байни аҳолӣ. | ВЗОКСК, ARIS, МТЛС, КМЭТИ | Мушовирон ва мутахассисони КЭИ ва Мониторинг ва арзёбӣ ва мутахассисони техникии Ташкилотҳои иҷрокунанда.<br><br>Хароҷоти семинар ва машварат ба буҷети 2.2.2 дохил шудаанд. |
| **КЭИ 5. Гирифтани замин, маҳдудсозии истифодаи замин ва кӯчонидани маҷбурӣ (дараҷаи хатар: паст)**<br>Компонентҳои 2 ва 3:<br>• Маҳдудиятҳои муваққатии дастрасӣ: эҳтимоли ба миён омадани маҳдудиятҳои ночиз ва муваққатӣ ҷиҳати дастрасӣ ба чарогоҳҳо ё заминҳои кишоварзӣ вуҷуд дорад. Инчунин, раванди барқарорсозии ҷангалзор ё муваққатан бастани чарогоҳҳо метавонад ба реҷаи чаронидани чорво таъсир расонад. Бо вуҷуди ин, ҳама гуна равандҳои марбут ба истифодаи замин комилан ихтиёрӣ буда, ҳеҷ гуна кӯчонидани маҷбурӣ ё тағйири макони зист сурат намегирад.<br>• Эҳсоси беадолатӣ ва маҳрумият: бар асари сатҳи пасти иттилоърасонӣ ва робитаи нокифоя, мумкин аст дар миёни аҳолӣ ҳисси беадолатӣ ба вуҷуд ояд. Ҳамзамон, дар ҳолатҳое, ки ҳуҷҷатҳои ҳуқуқи истифодаи замин ба номи хешовандони мард ба қайд гирифта шудаанд, занон метавонанд ҳангоми дастрасӣ ба маблағгузорӣ бо монеаҳо рӯ ба рӯ шаванд. | | | | |
| 5.1 | Фаъолияти 2.2.2<br>Фаъолияти 3.3.2 | Манъ намудани гирифтани маҷбурии замин ва ҳама гуна фаъолиятҳое, ки боиси кӯчонидани ҷисмонии шахсон мегарданд. Ҳамзамон, кафолат додани он, ки дар доираи зерлоиҳаҳои хурд танҳо он заминҳое истифода мешаванд, ки аз ҷониби моликон тавассути «Тартиби пешниҳоди ихтиёрии замин барои мавзеъҳои мушаххас»[14] ба таври ихтиёрӣ ҷудо карда шудаанд. Коҳиш додани таъсири ночизи иқтисодӣ (дар сурати ба миён омадан) тавассути расмиёти одилона ва мутобиқ ба қонунгузории амалкунандаи миллӣ. | GIZ, ВЗОКСК, ARIS, МТЛС, КМЭТИ | Мушовирон ва мутахассисони КЭИ ва Мониторинг ва арзёбии Ташкилотҳои иҷрокунанда.<br>Хароҷоти машварат ба буҷетҳои 2.2.2 ва 3.3.2 дохил шудаанд. |
| 5.2 | Фаъолияти 2.2.1<br>Фаъолияти 2.2.2<br>Фаъолияти 2.3.1 | Ташкили омӯзишҳои махсус оид ба саводнокии молиявӣ ва гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳии мақсаднок барои заноне, ки қитъаҳои хурди заминро дар ихтиёр доранд, бо мақсади пешгирӣ намудан аз | GIZ, ВЗОКСК, ARIS, МТЛС, КМЭТИ | Хароҷоти омӯзиш, кормандони машваратии техникӣ ва кормандони хадамоти машваратӣ-омӯзишӣ ба |

[14] Ин тартиб, аз ҷумла раванди тасдиқи ҳуқуқ ба замин, дар давраи оғози барнома расман мувофиқа ва тасдиқ карда мешавад.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Фаъолияти 2.3.3<br>Фаъолияти 3.3.2 | маҳрумияти эҳтимолии онҳо аз имкониятҳои васеи сармоягузорӣ ва таъмин намудани дастрасии баробар. | | буҷетҳои 2.2.1, 2.2.2, 2.3.1, 3.3.2 дохил карда шудаанд. |
| **КЭИ 6. Ҳифзи гуногунии биологӣ ва идоракунии устувори захираҳои табиии зинда (дараҷаи хатар: миёна)**<br>Компонентҳои 2 ва 3:<br>• Маконҳои зисти табиӣ ва муҳим: дар сурати банақшагирӣ ва татбиқи нодуруст, чорабиниҳои саҳроӣ метавонанд ба минтақаҳои ҳассоси гуногунии биологӣ, аз ҷумла ба маконҳои зисти табиӣ, ҳудудҳои муҳофизатшаванда, минтақаҳои калидии гуногунии биологӣ (KBA) ва эҳтимолан маконҳои зисти муҳим, таъсири ғайримустақим ва бавосита расонанд.<br>• Фишор ба гуногунии биологӣ ва хатар ба навъҳои набототу ҳайвонот: харобшавӣ ва парокандашавии маконҳои зист бар асари тавсеаи майдонҳои кишоварзӣ, фишори афзоянда ба ҳудудҳои муҳофизатшаванда ва навъҳои нодир, ворид намудани навъҳои инвазивӣ ё ғайримаҳаллӣ (масалан, шинондани дарахтони акатсия ҳамчун монеаи шамолшикан), инчунин таъсири манфии эҳтимолӣ ба геккони фарғонагӣ (Alsophylax ferganensis), ки дар наздикии деҳаи Шорсуи Ҷумҳурии Ӯзбекистон сукунат дошта, таҳти хатари шадиди нобудшавӣ қарор дорад. | | | | |
| 6.1 | Фаъолияти 2.2.1<br>Фаъолияти 2.2.2<br>Фаъолияти 2.3.1<br>Фаъолияти 2.3.3<br>Фаъолияти 3.3.2 | Татбиқи барномаи маҷмӯии таҳкими иқтидор ва сатҳи огоҳӣ барои баҳрагирандагон, ки табодули дониш, омӯзиши мақсаднок, роҳнамоии саҳроӣ ва дастгирии кормандони хадамоти машваратӣ-омӯзиширо оид ба таҷрибаҳои КХҶДИЗ-и ҳассос ба гуногунии биологӣ муттаҳид месозад. | GIZ, ВЗОКСК, ARIS, МТЛС, КМЭТИ | Хароҷоти омӯзиш, кормандони машваратии техникӣ ва кормандони хадамоти машваратӣ-омӯзишӣ ба буҷетҳои 2.2.1, 2.2.2, 2.3.1, 3.3.2 дохил карда шудаанд. |
| 6.2 | Фаъолияти 2.2.1<br>Фаъолияти 2.2.2<br>Фаъолияти 2.3.1<br>Фаъолияти 2.3.3<br>Фаъолияти 3.3.2 | Арзёбии хатарҳои гуногунии биологӣ дар рафти санҷиши экологӣ ва иҷтимоӣ барои ҳама гуна чорабиниҳои саҳроӣ, ки тадбирҳои истифодаи заминро дар наздикии маконҳои ҳассос ё минтақаҳои муҳофизатшаванда дар бар мегиранд; истифодаи абзорҳо ва маълумоти дастрас, аз ҷумла низоми IBAT (дар ҳолатҳои зарурӣ), ва дар сурати ошкор гардидани хатарҳо — талаб намудани чораҳои иловагии коҳиш додани онҳо. | GIZ, ВЗОКСК, ARIS, МТЛС, КМЭТИ | Мушовирон ва мутахассисони КЭИ ва Мониторинг ва арзёбӣ-и Ташкилотҳои иҷрокунанда. Хароҷоти машварат ба буҷетҳои 2.2.1, 2.2.2, 2.3.1, 2.3.3 ва 3.3.2 дохил шудаанд. |
| 6.3 | Фаъолияти 2.2.1<br>Фаъолияти 2.2.2<br>Фаъолияти 2.3.1<br>Фаъолияти 2.3.3<br>Фаъолияти 3.3.2 | Татбиқи рӯйхати истисноҳои барнома[15], бахусус ҷиҳати маблағгузории фаъолиятҳое, ки боиси табдил ё таназзули маконҳои зисти муҳим, таъсироти назаррас ба намудҳои зери хатари нобудшавӣ қарордошта (CR/EN) ё амалҳои беиҷозат дар минтақаҳои муҳофизатшаванда мегарданд, ва талаб намудани он, ки ҳама таҷрибаҳои дастгиришаванда намудҳои ба шароити маҳаллӣ мутобиқшуда, бумӣ ё ғайриинвазивиро истифода баранд. | GIZ, ВЗОКСК, ARIS, МТЛС, КМЭТИ | Мушовирон ва мутахассисони КЭИ ва Мониторинг ва арзёбии Ташкилотҳои иҷрокунанда. Хароҷоти кормандон ба буҷетҳои Ташкилотҳои иҷрокунанда дохил карда шудаанд. |
| **КЭИ 8. Мероси фарҳангӣ (дараҷаи хатар: паст)**<br>Компонентҳои 2 ва 3: | | | | |

[15] Рӯйхати истисноҳои барнома дар Замимаи 1 оварда шудааст.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| • Хатари тасодуфан халалдор кардани боқимондаҳои бостонии қаблан номаълум ё расонидани зарар ба ҷойҳои муқаддас, қабристонҳо ва дигар объектҳои дорои аҳамияти фарҳангӣ ҳангоми корҳои заминии хурдмақсад, аз ҷумла маҳдудиятҳои муваққатии эҳтимолии дастрасӣ ва нигарониҳои марбути аҳолӣ. | | | | |
| 8.1 | Фаъолияти 2.2.1<br>Фаъолияти 2.2.2<br>Фаъолияти 2.3.1<br>Фаъолияти 2.3.3<br>Фаъолияти 3.3.2 | Гузаронидани санҷиш ва пешгирии маконҳои аз ҷиҳати фарҳангӣ ҳассос ҳангоми банақшагирӣ ва интихоби макон тавассути машварат бо мақомоти маҳаллӣ, намояндагони аҳолӣ ва ҷамоатҳои маҳаллӣ, инчунин пешниҳоди саволҳои мушаххас оид ба мавҷудияти ҷойҳои муқаддас, қабристонҳо, боқимондаҳои бостоншиносӣ ва дигар объектҳои муҳими фарҳангӣ. Илова бар ин, истисно намудани ҳама гуна мавзеъҳои маъмул аз доираи чорабиниҳои саҳроӣ. | GIZ, ВЗОКСК, ARIS, МТЛС, КМЭТИ | Мушовирон ва мутахассисони КЭИ ва Мониторинг ва арзёбии Ташкилотҳои иҷрокунанда. Хароҷоти машварат ба буҷетҳои 2.2.1, 2.2.2, 2.3.1, 2.3.3 ва 3.3.2 дохил шудаанд. |
| 8.2 | Фаъолияти 2.2.1<br>Фаъолияти 2.2.2<br>Фаъолияти 2.3.1<br>Фаъолияти 2.3.3<br>Фаъолияти 3.3.2 | Татбиқи Тартиби бозёфтҳои тасодуфӣ оид ба ҳама гуна корҳои заминканӣ. Дар сурати ошкор гардидани бозёфтҳои бостоншиносӣ ё фарҳангӣ, корҳо фавран қатъ карда шуда, макон муҳофизат карда шавад, мақомоти масъули миллӣ огоҳ карда шуда ва корҳо танҳо пас аз гирифтани иҷозати расмӣ аз сари нав оғоз гарданд. | GIZ, ВЗОКСК, ARIS, МТЛС, КМЭТИ | Мушовирон ва мутахассисони КЭИ ва Мониторинг ва арзёбии Ташкилотҳои иҷрокунанда. Хароҷоти мавод ва машварат ба буҷетҳои 2.2.1, 2.2.2, 2.3.1 ва 3.3.2 дохил шудаанд. |
| 8.3 | Фаъолияти 2.2.1<br>Фаъолияти 2.2.2<br>Фаъолияти 2.3.1<br>Фаъолияти 2.3.3<br>Фаъолияти 3.3.2 | Пеш аз оғози корҳо ба ҳамаи пудратчиён, шарикони маҳаллӣ ва коргарони ҷамоат оид ба хусусиятҳои ҳифзи мероси фарҳангӣ, хатарҳои мушаххаси макон ва тартиби вокуниш ба бозёфтҳои тасодуфӣ омӯзиш ва дастур дода шавад. | GIZ, ВЗОКСК, ARIS, МТЛС, КМЭТИ | Мушовирон ва мутахассисони КЭИ ва Мониторинг ва арзёбии Ташкилотҳои иҷрокунанда. Хароҷоти омӯзиш ва машварат ба буҷетҳои 2.2.1, 2.2.2, 2.3.1 ва 3.3.2 дохил шудаанд. |

The table below provides mitigation measures based on ESIA results (sub-project level):

*Ҷадвали 5: Чораҳои коҳиш додани хатарҳои зерлоиҳаҳо*

| Фаъолияти зерлоиҳа бо назардошти рамзи фаъолият | Категорияи КЭИ-и ХИС тибқи АТМЗИ [16] | Чораҳои коҳиш додани хатар | Ташкилоти иҷрокунандаи масъул |
|---|---|---|---|
| **Беҳтар намудани ғизодиҳии растаниҳо ва** | B | • Хатарҳои БСМ (бехатарӣ ва саломатии меҳнатӣ) тавассути бо воситаҳои ҳифзи шахсии зарурӣ таъмин намудан, гузаронидани омӯзишҳо ва тамғагузории дуруст бартараф карда мешаванд. | ВЗОКСК, МТЛС, КМЭТИ |

[16] Mandatory for all activities assessed as ESS category B.

| | | | |
|---|---|---|---|
| **идоракунии зараррасонҳо**<br><br>Фаъолияти 2.3.1 | | • Хатарҳои марбут ба гуногунии биологӣ ва ифлосшавии эҳтимолӣ хусусияти маҳаллӣ дошта, барқароршаванда мебошанд; онҳо тавассути риояи принсипҳои ИҲЗ (идоракунии ҳамгирошудаи зарарасонҳо), интихоби дурусти маҳсулот ва муайян кардани вақти истифодабарии онҳо ҷиҳати пешгирии таъсири манфӣ ба объектҳои ғайримақсадӣ, инчунин тавассути баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва гузаронидани омӯзиш оид ба қоидаҳои нигоҳдорӣ ва идоракунии зарфҳо ҳаллу фасл мегарданд.<br>• Таъсир расидан ба аҳолии маҳаллӣ тавассути ташкили минтақаҳои буферӣ, сари вақт огоҳ намудан ва назорати қатъии истифода пешгирӣ карда мешавад. | |
| **Мусоидат ба барқароршавии табиӣ ва барқароркунӣ**<br><br>Фаъолияти 2.2.1<br>Фаъолияти 2.2.2<br>Фаъолияти 3.3.2 | B | • Хатарҳои эҳтимолии меҳнатӣ дар корҳои саҳроӣ тавассути риояи қоидаҳои бехатарии амалиётӣ ва гузаронидани омӯзишҳо ба ҳадди ақал расонида мешаванд.<br>• Таъсирот ба аҳолии маҳаллӣ хусусияти маҳаллӣ дошта, тавассути банақшагирии муштарак ва фарогир дар доираи зерфаъолиятҳои 2.2.1.3 ва 2.2.2.3, робитаи ошкорову шаффоф ва Механизми баррасии шикоятҳо (МБШ) пешгирӣ карда мешаванд.<br>• Барнома ҳеҷ гуна гирифтани маҷбурии заминро дастгирӣ намекунад ва чунин амалҳо қатъиян аз доираи сармоягузорӣ истисно карда мешаванд.<br>• Хатари эҳтимолии талафоти иқтисодӣ дар натиҷаи маҳдудияти муваққатии дастрасӣ мутобиқи сиёсатҳо ва қонунгузории миллӣ, тавассути равандҳои мувофиқи ҷуброн ва машваратҳо, ки аз ҷониби МБШ-и барнома дастгирӣ мешаванд, идора карда мешавад.<br>• Интизор меравад, ки натиҷаҳо барои гуногунии биологӣ мусбат бошанд, зеро барнома барои корҳои барқарорсозӣ истифодаи намудҳои растаниҳои маҳаллӣ ё мувофиқ ба шароити маҳалро дастгирӣ менамояд. | GIZ, ВЗОКСК, ARIS, МТЛС, КМЭТИ |
| **Беҳтар намудани дастрасӣ ба чарогоҳҳои дурдасти кам истифодашаванда**<br><br>Фаъолияти 2.2.2 | B | • Хатарҳои БСМ тавассути татбиқи қоидаҳои бехатарии кор ва омӯзиш, аз ҷумла таъмини коргарон бо воситаҳои ҳифзи шахсӣ (ВҲШ), ба ҳадди ақал расонида мешаванд.<br>• Барқарорсозии роҳҳои дастрасӣ бо мақсади пешгирӣ аз халалдоршавии макони зисти табиӣ маҳдуд карда шуда, танҳо бо сохтмони пулҳои хурд амалӣ мегардад.<br>• Низоъҳои эҳтимолии байни истифодабарандагони чарогоҳҳо тавассути банақшагирии муштарак бо онҳо ва таҳияи нақшаҳои муштараки идоракунии чарогоҳҳо дар доираи зерфаъолияти 2.2.2.3 пешгирӣ карда мешаванд. | GIZ, ARIS, МТЛС, КМЭТИ |
| **Беҳтар намудани дастрасӣ ба об дар чарогоҳҳои дурдасти кам чаронидашаванда**<br><br>Фаъолияти 2.2.2 | B | • Хатарҳои БСМ ба хусусияти макон вобаста буда, тавассути риояи тартиботи бехатари кор, омӯзиш ва назорати қатъӣ дар ҷои кор ба ҳадди ақал расонида мешаванд.<br>• Хатарҳои марбут ба ифлосшавӣ ва партовҳо хусусияти маҳаллӣ дошта, дар доираи қоидаҳои стандартии сохтмон ва идоракунии нақлиёт ба низом даровaрда мешаванд. | GIZ, ARIS, МТЛС, КМЭТИ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | • Хатарҳо ва баҳсҳои эҳтимолии марбут ба аҳолии маҳаллӣ тавассути банақшагирии муштараку фарогир дар доираи зерфаъолиятҳои 2.2.2.3, муоширати шаффоф ва МБШ пешгирӣ карда мешаванд. | |

## Замимаи 1. Рӯйхати истисноҳо

Дар доираи барнома фаъолиятҳои зерин, аз ҷумла онҳое, ки ба рӯйхати истисноҳои Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ (IFC) дохил мешаванд, набояд амалӣ, дастгирӣ ё маблағгузорӣ гарданд ва барнома набояд бо онҳо робита дошта бошад:

- Ҳама гуна шаклҳои меҳнати маҷбурӣ ё шаклҳои зараровар ва истисморонаи меҳнати кӯдакон.
- Фаъолиятҳое, ки тибқи қонунгузорӣ ё қоидаҳои кишвари мизбон, конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ ғайриқонунӣ эътироф шудаанд ё таҳти чораҳои манъкунии марҳила ба марҳилаи байналмилалӣ қарор доранд.
- Истеҳсол ё савдои маҳсулоте, ки дорои полихлоробифенилҳо (PCB) мебошанд.
- Харид, истеҳсол ё савдои маводи дорусозӣ, пестисидҳо, гербисидҳо ё дигар моддаҳои хатарнок, ки таҳти бекоркунии марҳила ба марҳила ё манъкунии байналмилалӣ қарор доранд, аз ҷумла мувофиқи Конвенсияи Роттердам ва Конвенсияи Стокҳолм.
- Истеҳсол ё савдои моддаҳои вайронкунандаи қабати озон, ки таҳти бекоркунии марҳила ба марҳилаи байналмилалӣ тибқи Протоколи Монреал қарор доранд.
- Савдои набототу ҳайвоноти ёбоӣ ё маҳсулоти онҳо, ки тибқи Конвенсияи CITES танзим карда мешаванд.
- Интиқоли фаромарзии партовҳое, ки тибқи қонунгузории байналмилалӣ манъ шудаанд, аз ҷумла тибқи Конвенсияи Базел, ба истисноi партовҳои ғайрихатарнок, ки барои коркарди дубора пешбинӣ шудаанд.
- Фаъолиятҳое, ки аз ҷониби қонунгузории кишвари мизбон ё конвенсияҳои байналмилалии марбут ба ҳифзи гуногунии биологӣ ё мероси фарҳангӣ манъ шудаанд.
- Истеҳсол, савдо ё истифодаи наххҳои асбести пайвастнашуда ё маҳсулоти дорои асбест.
- Истеҳсол ва савдои яроқ ва лавозимоти ҷангӣ.
- Фаъолияти тиҷоратии ҷинсӣ ва инфрасохтору хизматрасониҳои марбут ба он.
- Қиморбозӣ ва таҷҳизоти марбут ба он.
- Истеҳсол, коркард ва тақсимоти тамоку.
- Истеҳсол, коркард ва тақсимоти машруботе, ки нӯшокиҳои спиртии сахтро дар бар мегирад.
- Истеҳсол ё савдои маводи радиоактивӣ, ба истисноi таҷҳизоти муайяни тиббӣ ва ченакӣ, ки дар онҳо манбаи радиоактивӣ ночиз аст ё ба таври кофӣ ҳифз шудааст.
- Сармоягузориҳо ба ҷустуҷӯ, истихроҷ, истеҳсол, тақсимот, коркард ё пешбурди сӯзишвории истихроҷшаванда, аз ҷумла ангишт, нафт, гази табиӣ ва торф.
- Фаъолиятҳое, ки истифодаи сӯзишвории истихроҷшавандаро зиёд мекунанд ва/ё муҳлати техникӣ ё иқтисодии истеҳсоли гармӣ ва барқро бо истифода аз сӯзишвории истихроҷшаванда дароз мекунанд, ба истисноi тавлиди маҳдуди эҳтиётӣ, мақсадҳои пухтупази хонаводагӣ ё равандҳое, ки алтернативаҳои имконпазири дигар вуҷуд надоранд.
- Лоиҳаҳои сӯзишвории биологӣ (биосузишворӣ), ки ба яке аз шартҳои зерин ҷавобгӯ мебошанд:
    - Дар асоси ашёи хоме, ки дар заминҳои дорои миқдори зиёди карбон ё арзиши баланди гуногунии биологӣ парвариш мешаванд, аз ҷумла ҷангалҳои тропикӣ, ботлоқзорҳо, заминҳои торфӣ, алафзорҳо, мамнӯъгоҳҳо, заминҳои муҳофизатшаванда ё заминҳои дорои арзиши баланди ҳифз.
    - Истифодаи ашёи хом барои сӯзишвории биологии моеъ дар ҳолате, ки

агар ашёи хоми коркарднашуда бевосита истифода мешуд (масалан, сӯзиши мустақим дар нерӯгоҳи когенератсионӣ), манфиатҳои бештари иқлимӣ ё рушд ба даст меомаданд.

    - Истифодаи сӯзишвории биологии сахт аз ҷангалҳо (хоҳ шинондашуда ё табиӣ), ки давраи карбонии онҳо бо Созишномаи Париж мувофиқат намекунад.
    - Лоиҳаҳои насли якуми сӯзишвории биологӣ бо масоҳати истеҳсолии зиёда аз 75 гектар.
- Амалиётҳои буридани тиҷоратии ҷангал ё хариди таҷҳизоти буридани ҷангал барои истифода дар ҷангалҳои аввалия ё ҷангалҳои куҳна.
- Истеҳсол ё савдои чӯб ё дигар маҳсулоти ҷангалӣ, ба ғайр аз маҳсулоте, ки аз ҷангалҳои ба таври устувор идорашаванда гирифта шудаанд.

## Замимаи 2. Тартиби дарёфти тасодуфӣ

Ҳадафи асосии тартиби мазкур инҳоянд: (а) ҳифзи мероси фарҳангӣ аз таъсироти манфии фаъолиятҳои барнома ва дастгирии нигоҳдории он; ва (б) кафолат додани он, ки ҳар гуна кашфи макони қаблан номаълуми мероси фарҳангӣ (масалан, мавзеъҳои бостоншиносӣ, таърихӣ, боқимондаҳо ва объектҳо) сабт ва ҳамаҷониба тафтиш карда шавад, то аз ҳар гуна таъсири манфӣ ба мероси фарҳангӣ дар натиҷаи амалисозии барнома пешгирӣ гардад.

Ин тартибот чораҳоеро муайян мекунад, ки ҳангоми дучор шудан ба чунин бозёфтҳои тасодуфӣ дар рафти татбиқи барнома бояд андешида шаванд ва тарзи идоракунии онҳоро ба танзим медарорад.

Ин тартибот нисбат ба ҳамаи кормандони барнома, ташкилотҳои иҷрокунанда, шарикони амалисоз, пудратчиён ва баҳрабардорон, ки ба корҳои ҳафрӣ, кофтани хандақҳо, пармакунӣ, тозакунии растаниҳо, тахрибкорӣ, корҳои заминӣ ё дигар фаъолиятҳое, ки метавонанд қабати заминро вайрон кунанд, машғуланд, татбиқ мегардад. Он бояд ба шартномаҳои дахлдор ҳатман ворид карда шавад ва ҳангоми дастурдиҳии ибтидоӣ ба коргарон фаҳмонида шавад.

Бозёфти тасодуфӣ ин ҳар гуна объект, сохтор, макон, қабр, боқимондаҳои инсон, боқимондаҳои сангшуда (фоссил) ё хусусияти табиии қаблан номаълум маҳсуб меёбад, ки метавонад арзиши бостоншиносӣ, палеонтологӣ, таърихӣ, динӣ, муқаддас ё дигар аҳамияти фарҳангӣ дошта бошад.

Дар сурати пайдо шудани бозёфти тасодуфии эҳтимолӣ:

1. **Қатъи корҳо:** Ҳамаи фаъолиятҳо бояд дар атрофи бозёфт фавран қатъ карда шаванд. Техника бояд хомӯш карда шавад ва ба бозёфт набояд даст расонанд, онро ҳаракат надиҳанд, тоза накунанд, ҷамъоварӣ нанамоянд ё ба таври дигар халалдор насозанд.
2. **Ҳифзи макон:** Минтақаи мувофиқи истисноӣ (буферӣ) муқаррар карда шуда, дастрасӣ ба он маҳдуд карда шавад ва бозёфт аз зарар, дуздӣ, таъсири обу ҳаво ё гирифтани беиҷозат пурра муҳофизат карда шавад. Бозёфт бояд дар ҷои худ (in situ) боқӣ монад.
3. **Огоҳ кардан ва ҳуҷҷатгузорӣ:** Фавран Мутахассиси КЭИ-и Ташкилоти иҷрокунанда огоҳ карда шавад. Мутахассиси КЭИ вазифадор аст сана, макон, координатҳо, тавсиф, аксҳо дар ҳолати зарурӣ, чораҳои муҳофизатии андешидашуда ва шахсони огоҳшударо сабт намуда, мақомоти салоҳиятдори мероси фарҳангиро дар муҳлате, ки тибқи қонунгузории миллӣ талаб карда мешавад, хабардор созад.
4. **Арзёбии бозёфт:** Мутахассиси соҳибихтисоси мероси фарҳангӣ ва мақомоти салоҳиятдор бояд аҳамияти бозёфтро арзёбӣ намуда, чораҳои заруриро муайян намоянд. Ҷамоатҳои дахлдори таҳти таъсир қарордошта ва нигаҳбонони анъанавӣ (намояндагони мардуми бумӣ/маҳаллӣ, дар сурати зарурат) бояд дар ҳолатҳое, ки бозёфт метавонад арзиши фарҳангӣ, рӯҳонӣ ё расму оинӣ дошта бошад, ба машварат ҷалб карда шаванд.
5. **Муносибати махсус бо боқимондаҳои инсонӣ:** Бо боқимондаҳои инсон бояд бо эҳтироми хоса муносибат карда шавад ва набояд онҳо ҷобаҷо карда шаванд. Мақомоти салоҳиятдори мероси фарҳангӣ ва дар ҳолати зарурӣ, мақомоти корҳои дохилӣ (полис), ташхисгари тиббӣ-судӣ ё дигар мақомоти масъул бояд фавран огоҳ карда шаванд. Идоракунии минбаъда бояд тибқи қонунгузории миллӣ ва урфу одатҳои дахлдори фарҳангӣ ва динӣ сурат гирад.
6. **Муайян кардани чораҳои идоракунӣ:** Ба канорагирӣ ва нигоҳдорӣ дар ҷои худ (in situ) бояд афзалияти аввалиндараҷа дода шавад. Агар канорагирӣ ғайриимкон бошад, чораҳо ба монанди тарҳрезии дубора, ташкили минтақаи муҳофизатии

буферӣ, тафтишоти назоратшаванда, ҳуҷҷатгузорӣ, консерватсия ё баровардани қонунӣ метавонанд танҳо аз ҷониби мутахассисони соҳибихтисос ва бо тасдиқи мақомоти салоҳиятдор амалӣ карда шаванд.

7. **Барқарор кардани кор:** Идомаи корҳо дар дохили минтақаи истисноӣ танҳо пас аз он ки мақомоти салоҳиятдор дастурҳои худро пешниҳод кард, ҳамаи чораҳои зарурӣ анҷом ёфтанд ва иҷозати хаттӣ аз ҷониби Мутахассиси КЭИ дода шуд, имконпазир аст.

Ҳамаи бозёфтҳои тасодуфӣ, қарорҳои қабулшуда, машваратҳо, чораҳои андешидашуда ва иҷозатномаҳо бояд дар **Дафтари бақайдгирии бозёфтҳои тасодуфӣ** ба таври ҳатмӣ нигоҳ дошта шаванд ва тавассути системаи мониторинги экологӣ ва иҷтимоии барнома гузориш дода шаванд. Риоя накардани ин тартибот вайронкунии ҷиддии шартнома маҳсуб ёфта, бояд мавриди чораҷӯии фаврии ислоҳӣ қарор гирад.